*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 31 (12359)
4 августи
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

БА ИСТИҚБОЛИ РӮЗИ ДОНИШ

## Зи дониш шавад кори гетӣ ба соз

**Наврасон ва ҷавонон, ки мо онҳоро наслҳои ояндасози кишвар медонем, вазифадоранд, ки ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунарҳои замонавӣ ҷиддӣ машғул шаванд, ду - се забони хориҷиро мисли забони модарии худ донанд ва истифодаи технологияҳои электронии муосирро аз худ намоянд.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

***Омӯзиши пайваста инсонро дар ҷомеа соҳибэҳтирому шарафманд мегардонад. Қадами нахустини ворид шудан ба дунёи рангини маънавият мактаб ба ҳисоб меравад. Яъне, мактаб макони муқаддас буда, хонандагон дар ин даргоҳ аҳамияти омӯзишу донишро ба таври амиқ дарк мекунанд.***

Хушбахтона, ҳамасола 1 сентябр дар кишвари мо Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ бо иштирок ва суханронии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор мегардад. Дар суханрониҳои Пешвои миллат вазъияти мураккаби ҷаҳони муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, ба қадри сулҳу ваҳдат расидан ва пайваста ба омӯзишу мутолиа ҷалб намудани наврасону ҷавонон таъкид мегардад. Ин суханрониҳои Пешвои миллат ҳамчун дастури судманд вазифаву масъулияти аҳли илму маорифро зиёд мегардонанд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи гимназияи №4 барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе дар Рӯзи дониш (1.09.2021) таъкид доштанд, ки «… мо – мардуми тоҷик, ба қадри сулҳу оромӣ ва зиндагии осоишта мерасем, онро неъмати бузург медонем, зеро мардуми Тоҷикистон ҳаёти осударо бо баҳои ниҳоят гарон ба даст овардаанд. Маҳз бо сабаби он ки сулҳу оромӣ барои зиндагии инсон аҳамияти ҳаётӣ дорад ва хусусан, дар шароити пуртазод ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир мо бояд ба хотири ҳимояи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, инчунин, барои пешгирӣ кардани таҳдиду хатарҳои замони нав, аз қабили терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ ва дигар омилҳои хатарзо беш аз ҳар вақти дигар саҳмгузор бошем».

Мусаллам аст, ки сулҳу ваҳдат ва донишу омӯзиши илм ба ҳам тавъаманд. Оне, ки пайваста меомӯзаду мутолиа менамояд, ҳамеша ба қадри сулҳу ваҳдат мерасад. Унвон гирифтани дарси якум ҳамчун Дарси сулҳ далели ин гуфтаҳост. Суханрониҳои Пешвои миллат масъалаҳои зиёдро дар назди аҳли маориф мегузорад, зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати соҳаи маориф таваҷҷуҳ ба илмҳои бунёдӣ аз омӯзгорон масъулияти бештарро тақозо мекунад. Дарвоқеъ, бе донистани илму технологияи инноватсионӣ ва дар умум, ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ наметавон ба пешрафту дастовардҳои чашмгир ноил шуд. Аз ин рӯ, бо эълон гардидани панҷсолаи рушди саноат вазифаи омӯзгорон дар самти ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ба омӯзиши илмҳои дақиқ, риёзӣ ва



табиатшиносӣ бештар мегардад. Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф низ ба рушди тафаккури техникӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагону ҷавонон нигаронида шуда, дар ин замина гомҳои устувор низ гузошта шудааст. Ҳамчунин, гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» низ ба ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ба илмҳои бунёдӣ мусоидат намуда, ба васеъ гардидани ҷаҳонбинии илмӣ, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайванди илм бо истеҳсолот такони ҷиддӣ бахшид.

Дар баробари ин, соли сеюм аст, ки баҳри баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати наврасону ҷавонон ва сухандону суханвар гардидани онҳо ва дар умум, тарбияи маънавии аҳли ҷомеа озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор мегардад. Дар ин ҷода чопи китобҳои бадеӣ ба маротиб зиёд гардид ва дар 30 ҷилд ба нашр расидани осори шоирону нависандагони муосири тоҷик аз ҷониби Вазорати маориф ва илм далели гуфтаҳои болост. Иқдомҳои Ҳукумат ва Давлати Тоҷикистон дар маҷмуъ, ба ҷалби хонандагону донишҷӯён ба донишу омӯзиш ва аз худ кардани технологияи муосир равона карда шудааст.

Дарвоқеъ, масъалаи омӯзишу мутолиа ва нақши он дар рушду тафаккури инсон дар асарҳои адибони тоҷик ба таври густурда инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи муҳимияти омӯзиш бамаврид гуфтааст:

*Зи дониш шавад кори гетӣ ба соз,*
*Зи бедонишӣ кор гардад дароз.*

***

*Дилатро ба донишварӣ дор хуш,*
*Чу донистӣ, он гоҳ дар кор кӯш!*

Оне, ки меомӯзад, ҳеҷ гоҳ бо рӯ ба рӯ шудан бо мушкилоту сахтиҳои зиндагӣ шикваю шикоят намекунад ва ҳамеша роҳҳои раҳоӣ аз бунбастро дармеёбад.

Асадии Тӯси низ дар мавриди омӯзиш мефармояд:

*Касе, к-аш равон шуд ба дониш ҷавон,*
*Гараш тан бимирад, намирад равон.*

Воқеан, мутолиаву омӯзиш инсонро маънаван қудратманд мегардонад ва андешаву ҷаҳонбиниашро тавсеа мебахшад.

Дар мавзуи сулҳу ваҳдат низ шоирону нависандагони тоҷик осори зиёде эҷод кардаанд. Ба гунаи мисол, Аминҷон Шукӯҳӣ дар ин хусус хеле хуб нигоштааст:

*Сулҳ чароғи раҳи оянда аст,*
*Сулҳ зи иқбол намоянда аст.*
*Сулҳ шакарханди лаби кӯдакон,*
*Сулҳ ҳамоҳанги дили модарон.*

Устодону омӯзгоронро зарур аст, дар дарсҳо ба хонандагону донишҷӯён перомуни аҳамияти омӯзишу мутолиа ва расидан ба қадри сулҳу ваҳдатро мунтазам талқин намуда, дар рӯҳияи ифтихори баланди миллӣ ва худшиносиву худогоҳии ватандорӣ ба камол расондани онҳо саҳми шоиста гузоранд.

***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

•ДАР ИН ШУМОРА:•


НБО «Роғун» - ифтихору сарбаландии миллат сах. 3


«ТОҶИКОН» - василаи таҳкимбахши ҳувияти миллӣ сах. 4

Сомонаҳои иҷтимоӣ ва таъсири манфии онҳо сах. 5

Норасоии оби ошомиданӣ - мушкилоти замон сах. 6


Омӯзгорӣ саодатмандист сах. 7

Ташаккули тафаккур сах. 10

Берунӣ мураттиби феҳристи кусуфи офтоб ва моҳ сах. 12

«ОМӮЗГОР» - мактаби бузурги қаламкашон сах. 13

@ Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj

Телефони боварӣ: 227-76-86

*Хушбахт на он аст, ки дигарон чунинаш мехонанд, балки худ инро медонад.*
*Мишел Монтен*



ҶАЛАСА

# Баррасии масъалаҳои муҳим

***29-уми июли соли ҷорӣ таҳти раёсати вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ҷаласаи навбатии ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илм баргузор гардид, ки дар он муовини якум ва муовинони вазири маориф ва илм, сардорони раёсат, шуъба, бахши дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеъ иштирок намуданд.***

Нахуст, тибқи рӯзнома гузориши Д. Сафарзода-сардори раёсати сохтмони асосӣ вобаста ба татбиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон ба забони русӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар ва Турсунзода (аз 17.04.2019), гузориши Н. Зайниддинзода-директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ оид ба тасдиқи як қатор стандарти барнома ва додани иҷозат барои чопи китобҳои дарсӣ ва гузориши Р.Мирзозода-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ оид ба тасдиқи стандартҳои таълимии тахассусии таҳсилоти миёнаи касбӣ шунида шуд.



Баъд аз ироаи гузоришҳо ва баррасии масъалаҳо раиси ҷаласа, вазири маориф ва илм Р. Саидзода ба масъулин ҷиҳати иҷрои сариваќтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, вусъати корҳои ободонию созандагӣ ҷиҳати истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода намудани муассисаҳои таълимӣ ба соли нави хониш, омодагии ҳамаҷониба ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022-2023, назорати рафти корҳои сохтмонӣ дар иншооти соҳаи маориф ва таъмиру тармими муассисаҳои таълимӣ, таъмини муассисаҳо бо асбобу анҷоми хониш, татбиқи ҳамаҷонибаи барномаҳои давлатӣ, захираи кофии маводи озуқа ва сӯзишворӣ ва дар ин замина, истифодаи самараноки заминҳои наздимуассисавию ёрирасон ва чанде дигар дастуру супоришҳои мушаххас дод. Дар охир, вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

ПОДОШ

# Қадрдонии роҳбарони маҳфилҳо



***29-уми июли соли ҷорӣ дар рафти ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони маҳфилҳои фаннҳои табиӣ-риёзии Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки шогирдонашон дар озмуну олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори 18 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла, 2 ҷойи якум, 8 ҷойи дуюм ва 8 ҷойи сеюм гардидаанд, бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тӯҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.***

Бояд зикр кард, ки соли дуюм аст, бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дар Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ маҳфилҳо ба роҳ монда шуда, аъзои ин маҳфилҳо дар озмуну олимпиадаҳо мунтазам иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд. Ҳамзамон, соли ҷорӣ 1 нафар аъзои маҳфил ба олимпиадаи ҷаҳонӣ аз фанни биология, ки дар хонандагони зиёда аз 80 давлати дунё ширкат варзиданд, роҳхат ба даст овард.

«Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тӯҳфаҳои хотиравиро ба роҳбарони маҳфилҳо вазири маориф ва илм Р. Саидзода дар фазои тантанавӣ тақдим намуд.

СЕМИНАР

# Таваҷҷуҳ ба омӯзгорони фанҳои дақиқ

***Бо дастури сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон Ғазалшоҳ Сафарзода барои мутахассисони фанҳои физика, математика ва информатика аз 25 шаҳру навоҳии вилоят машварат доир гардид. Дар машварат намояндагони раёсати маориф ва дигар мутахассисони таҷрибадори соҳа оид ба мавзуъҳои мубрам баромад карда, аз таҷрибаи пешқадами худ ёдовар шуданд.***

Кормандони Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар шаҳри Бохтар Талбак Разоқов оид ба барномаҳои таълимӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён дошт. Инчунин, мушовири Маркази таълимию методӣ, табъу нашр ва таъмини маводи хониши назди раёсати маориф Мумин Сангинов дар мавзуи «Зарурати нақшаи стратегӣ» баромад намуд. Ҳамзамон, директори муассисаи таълимии рақами 9-и шаҳри Бохтар Муродалӣ Мусозода дар бораи «Роҳҳои асосии рушди ҷаҳонбинии илмӣ, донишҳои замонавӣ, тафаккури техникӣ дар дарсҳои физика ва нуҷум» суханронӣ кард.

Дар қисмати охири семинар машварати омӯзишӣ иштирокчиён барои беҳтар намудани раванди корӣ таклифу пешниҳодҳо намуданд.

ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲО



# Оид ба лоиҳаи «Биё, ҳамроҳ омӯзем» ёддошти тафоҳум ба имзо расид

***2-юми августи соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Америка оид ба амалисозии лоиҳаи нави Агентии рушди байналмилалии ИМА дар Тоҷикистон (USAID) “Биё, ҳамроҳ омӯзем” ба имзо расид. Ёддошти тафоҳумро вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ва роҳбари ЮСАИД дар Тоҷикистон Питер Райли имзо намуданд. Дар маросими баимзорасонӣ муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода, муовини вазири маориф ва илм Шукрулло Хайрзода, роҳбари лоиҳаи нави ЮСАИД “Биё, ҳамроҳ омӯзем” Филип Батерфил, муовини роҳбари лоиҳаи нави ЮСАИД “Биё, ҳамроҳ омӯзем” Нақҳат Абдулафизов, мудири шуъбаи маорифи ЮСАИД дар Вашингтон Эвилин Ҷонс ва дигар намояндагони ҳарду ҷониб иштирок карданд.***

Лоиҳаи “Биё, ҳамроҳ омӯзем” як ҷузъи таркибии барномаи кумаки техникиву иқтисодии Ҳукумати ИМА ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идомаи лоиҳаи “Ҳамроҳ бихонем” аст. Кумаки дар доираи лоиҳа пешниҳодгардида, дар маҷмуъ, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расидан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз ҷумла, беҳтар намудани сифат ва аҳамияти таҳсилот ва тақвияти идоракунии низоми таҳсилот дар ҳамаи сатҳҳои низоми маориф дар Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ёдовар мешавем, ки моҳи июли соли 2017 оид ба оғози фаъолияти лоиҳаи “Ҳамроҳ бихонем” Ёддошти тафоҳум миёни вазорат ва ЮСАИД ба имзо расида буд ва мақсади асосии лоиҳаи мазкур тақвияти натиҷаҳои хониши хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии мақсадноки лоиҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Лоиҳа панҷ сол – аз моҳи октябри соли 2016 то моҳи сентябри соли 2021 идома ёфта, дар самти зиёд намудани дастрасӣ ба маводи босифати хониш, такмили ихтисоси омӯзгорон оид ба таълими хониш ва арзёбии рушди малакаҳои хониш, пешниҳоди навовариҳо ва рушди ҳамкориҳо барои дастгирии дастовардҳои таълимии хониш, инчунин, рушди дастгирии Ҳукумат дар самти тақвияти хониш фаъолият намуд.

Дар натиҷа, аз ҷониби лоиҳа дар мувофиқа бо вазорат, дар маҷмуъ, 179 номгӯй китоби бадеии кӯдакона бо теъдоди зиёда аз 1 300 000 нусха бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ барои синфҳои ибтидоӣ ба 3001 муассисаи таълимии такиягоҳии лоиҳа ба тариқи ройгон дастрас гардид. Ҳамчунин, дар ин замина, 16 номгӯй айёнияти таълимию методӣ низ ба муассисаҳои таълимӣ расонида шуд.

Ҳамзамон, беш аз 7400 нафар омӯзгор ба омӯзиш аз рӯйи сохтори “Омӯзиши омехта” фаро гирифта шуд. Дар умум, аз соли 2018 то моҳи апрели соли 2021 зиёда аз 27 500 омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, 2590 директор ва зиёда аз 3000 китобдори муассисаҳои таълимӣ бо мақсади тақвияти малакаҳои хониш, инчунин, банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳои беруназдарсӣ оид ба бедор намудани шавқи хондан ба омӯзиш ҷалб гардиданд.

Таҳия ва озмоиши барномаи таълимӣ барои факултетҳои методикаи таълим дар синфҳои ибтидоӣ бо дарназардошти педагогикаи муосир, ки дар самти такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ равона карда шудааст, ба интиҳо расида, татбиқи амалии он дар 22 муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ дар соли таҳсили 2020-2021 татбиқ гардид.

*Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм*

Дар шаҳри Хоруғ доир ба нақши Пешвои миллат дар рушди давлатдории миллӣ конференсияи ҷумҳуриявӣ баргузор шуд.

ИНШООТИ АСР

***Яке аз унсурҳои муҳимтарину ҳаётбахши сайёра об маҳсуб ёфта, зиндагибахши ҳастии ҳаёти ҷомеа ба ҳисоб меравад ва он ҳамчун нақотбахши зиндагии инсоният дар ҳама давру замон нақши ҳалкунанда дорад. Ҳамин аст, ки таваҷҷуҳ ба таъмин намудани сайёра бо оби ошомиданӣ дар меҳвари фаъолияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла, СММ қарор дорад ва ташаббускори ин ҳадафи бузург Тоҷикистон мебошад.***

# НБО «РОҒУН» – ифтихору сарбаландии миллат

Дар ин самт саҳм ва нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург аст. Маҳз бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон гардид. Ба ин муносибат чандин конфронсу симпозиумҳои байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе баргузор гардид ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ хуш пазируфта шудааст. Боиси хушнудист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дарёҳову обҳои мусаффо дар қатори пешрафтатарин давлатҳост. Об боигарии асосии кишвари мо маҳсуб ёфта, манбаи асоси истеҳсоли «энергияи сабз» аст. Дар дарёҳои Тоҷикистон даҳҳо неругоҳи хурду калон сохта шудааст ва ин раванди созандагӣ бомаром идома дорад. Дар ин замина Пешвои миллат зимни суханронӣ дар воҳӯрӣ бо коргарони Неругоҳи барқи обии «Роғун» (13.07.2022) бамаврид таъкид карданд:

«Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ мебошад, ки яке аз манбаъҳои асосии барқароршавандаи энергия ва истеҳсоли «энергияи сабз» ба шумор меравад. Дар кишвари мо 98 фоизи неруи барқ бо истифода аз захираҳои об истеҳсол мегардад ва Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» шашум мамлакати пешсафи сайёра мебошад».

Дарвоқеъ, бунёди НБО «Роғун» аз бузургтарин иқдомҳои созандаи Пешвои миллат мебошад, ки сохтмон дар ин иншооти аср бомаром ҷараён дорад. Сарвари давлат ба ин иншооти аср мунтазам сафар мекунанд ва аз раванди бунёдкориҳо аз наздик ошно мегарданд, ки аз ҳаётиву муҳим будани он барои рушду пешрафти кишвар шаҳодат медиҳад.

Дар огози соҳибистиқлолӣ кишвари мо гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ гардид, ки он таъсири ногуворе ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқи кишвар расонд. Баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ва расидан ба ваҳдати комил раванди бунёдкориҳо дар кишвар вусъати тоза пайдо кард. Ин корҳоро метавон аз бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, роҳҳои оҳану заминӣ, нақбҳои азим ва корхонаҳои хурду бузург бармало мушоҳида кард. Се ҳадафи стратегии кишвар – расидан ба истиқлоли энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ татбиқ гардиданд. Ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар аст, ки бевосита ба бунёди НБО «Роғун» иртибот мегирад. Чунки ба сохтмони корхонаҳои бузург қадамҳои устувор гузошта шуд. Рушди иқтисоди кишвар, зиёд гардидани аҳолии ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум тадриҷан талабот ба неруи барқро афзоиш медиҳад. Ҳамчунин, табдил додани кишвар аз сохтори аграрӣ – саноатӣ ба саноатӣ–аграрӣ талабот ба неруи барқро зиёд мегардонад. Дар робита ба ин, Пешвои миллат таъкид намуданд: «...ба сохтмончиёни «Роғун» хотиррасон менамоям, ки барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол қонеъ гардонидани талаботи рӯз ба рӯз афзояндаи соҳаҳои истеҳсолӣ ва аҳолии кишвар ба неруи барқ зарурати аввалиндараҷа мебошад.



Ҳамзамон бо ин, аз ибтидои соли ҷорӣ панҷсолаи саноатикунонии мамлакат шуруъ гардид, ки барои расидан ба ин ҳадафи миллӣ пурра таъмин намудани соҳаҳои саноат, алалхусус, саноати маъдан, металлургия, кимиё ва саноати сабук бо неруи барқ хатмӣ мебошад».

Дар баробари ин, инъикоси ин масъала дар адабиёту публитсистика ва васоити ахбори омма бояд бештар гардад. Воқеан, НБО «Роғун» арсаи номусу нанг ва ватандорист ва тасвири раванди бунёдкориҳо, заҳмату диловариҳои қаҳрамонҳои арсаи меҳнат вазифаи аввалиндараҷаи адибону публитсистон ва рӯзноманигорон мебошад. Ин нуктаро Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус қайд намуда, аҳли илму адаб ва ва рӯзноманигорону публитсистонро баҳри тасвири раванди бунёдкориҳои дар НБО «Роғун» амри зарурӣ арзёбӣ карданд. Дар ин росто, Вазорати фарҳанг, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо занон ва оила, ҷавонон ва варзиш, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагон ва дигар иттифоқҳои эҷодӣ доир ба ташкили воҳӯриҳо, чорабиниҳои фарҳангиву фароғатӣ, инъикоси фаъолияти коргарону мутахассисони неругоҳи «Роғун» ва эҷоди асарҳои адабӣ бояд дар бораи қаҳрамонии арсаи меҳнату созандагӣ, яъне бунёдкорони иншооти бузурги аср мунтазам ҷораҷӯӣ намоянд ва дар ин самт ташаббускору фаъол бошанд.

Бояд зикр кард, ки маҳз ташаббусҳои ватандӯстона ва иродату матонати Пешвои миллат буд, ки имрӯз бунёдкориҳо дар ин иншооти аср дар сатҳи баланд идома дорад. Ин равандро омӯзгорон бояд хуб дарк намоянд, аз ҷараёни сохтмону иншоот ва муҳиммияту вижагиҳои он, ки аз иродату ҷасорати Пешвои миллат сарчашма мегирад, дар раванди дарсҳо ба наврасону ҷавонон маълумоти муфассал ироа кунанд. НБО «Роғун» кохи нур ва майдони нангу номуси ватандорист, маҳз иродату садоқат ва ҷасорату ватандӯстии Пешвои миллат аст, ки кишварамон дар ҳама самтҳо ба пешравиҳо ноил мегардад. Аз ин рӯ, ба қадри сулҳу ваҳдат расидан аз пешрафту шукуфоии кишвар болида гаштан, хидматҳои қаҳрамонони арсаи меҳнатро тавсиф кардан, сиёсати сулҳофарию бунёдкории Пешвои миллатро дастгирӣ намудан ва дар рушду пешрафти кишвари азизамон – Тоҷикистон содиқона саҳм гузоштан вазифаи устодону омӯзгорон ва тамоми аҳли ҷомеа мебошад. Бояд гуфт, ки бо иштироки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди сарбанди НБО «Роғун» 29 октябри соли 2016 огоз гардид ва аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 16 ноябри соли 2018 чархаи аввал ва 9 сентябри соли 2019 чархаи дуюми НБО «Роғун» ба истифода дода шуд ва он тантанаҳои таърихӣ дар васоити ахбори оммаи ватаниву хориҷӣ ба таври густурда инъикос ёфт. Дар он лаҳзаҳои хурсандибахш воқеан, вуҷуди ҳар инсонро меҳри Ватан ва ифтихори миллӣ фаро мегирифт, зеро неругоҳи мазкур ифтихори тоҷикон ва Тоҷикистон мебошад. НБО «Роғун» пуриқтидортарин неругоҳи дарёи ҳавзаи Вахш мебошад, ки дорои 6 агрегат аст. Он рӯз дур нест, ки ин иншооти муҳими аср пурра мавриди истифода қарор мегирад ва ба рушду шукуфоии бештари Тоҷикистони азиз мусоидат мекунад.

***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Санҷиши сифати таҳсилот дар 515 мактаб

***Дар нишасти матбуотии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори он Икром Субҳонзод қайд кард, ки Агентӣ дастуру супоришҳо ва таъкидҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи фаъолияти худ қарор дода, дар нимсолаи якуми соли 2022 корҳои муайянеро ба анҷом расонид.***

Дар давраи ҳисоботӣ 7 ҷаласаи машварат бо баррасии 1058 масъала, 6 ҷаласаи назоратии назди директор бо баррасии 29 масъала, 3 ҷаласаи машваратӣ бо баррасию муҳокимаи вазъи кунунии фаъолияти муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ва ҷаласаҳои назоратии ҳафтаина дар рӯзҳои душанбе доир гардида, қарорҳои даххлдор қабул карда шуд.

Инчунин, дар ин давра 452 ҳуҷҷат барои баробарарзишӣ ва эътирофи ҳуҷҷатҳои таҳсилоти давлатҳои хориҷӣ ворид гардида, 252 ҳуҷҷат бо фармоиши директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва баробарарзиш карда шуд. Ҳамзамон, 10 ҳуҷҷати қалбакии намунаи давлатӣ дар бораи таҳсилот ошкор гардида, барои ҷораҷӯии ба мақомоти даххлдор пешниҳод карда шуд. Илова бар ин, 250 мактуб ба вазорату идораҳои даххлдор барои муайян намудани аслияти ҳуҷҷати таҳсилот омода ва ирсол гардид.

Тибқи нақшаи кори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2022 ҷиҳати муайян намудани сифати таҳсилот ва сатҳи донишазхудкунии хонандагон донишҷӯён дар 515 муассисаи таълимӣ санҷиши сатҳи сифати таҳсилот гузаронида шуд, ки нисбат ба нимсолаи якуми соли 2021 – 16 муассиса зиёд мебошад.

Дар ин давра сатҳи донишазхудкунии (баҳои 3,4,5) хонандагон дар 471 муассисаи таҳсилоти умумии санҷидашудаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 76,8% ва сифати таҳсилот (баҳои 4 ва 5) 32,9% ва дар 14 муассисаи ғайридавлатии таълимӣ ва мақоми ҷумҳуриявидоштаи санҷидашуда бошад (литсей ва гимназияҳо), сатҳи донишазхудкунии хонандагон дар маҷмуъ 79,3% ва сифати таҳсилот 47%-ро ташкил дод.

Инчунин, дар 11 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии санҷидашуда натиҷаи сифати таҳсилот 24,2% ва сатҳи донишазхудкунӣ 62%, дар 11 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии санҷидашуда сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён 65,9% ва сифати таҳсилот 29,7% ва дар 8 муассисаи таҳсилоти олии касбии санҷидашуда сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён 68% ва сифати дониш ба 32,9% баробар буд.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

Дар 9 ҷамоати шаҳраку деҳоти ноҳияи Ашт ярмаркаи фурӯши либосҳои мактабӣ гузаронида мешавад.

**РИСОЛАТИ ТАЪРИХӢ**

# «ТОҶИКОН» – василаи таҳкимбахши ҳувияти миллӣ

***Исми академик Бобоҷон Ғафуров дар миёни чеҳраҳои мондагор бо як қатор ташаббусҳои бузургаш дар таърихи миллат бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст. Яке аз хидматҳои шоистаи ин фарзанди фарзонаи миллат эҳёи омӯзиш ва таҳқиқи таърихи пурифтихори халқи куҳанбунёд ва фарҳангофари тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар замоне Б. Ғафуров ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи миллат рӯ овард, ки вазъи мафкуравии ҷомеа дар ҳоли мураккаб қарор дошт.***




Ташаббуси ӯ боис шуд, ки раванди таназзули афкори таърихии ҷомеа ба охир расида, саҳифаҳои аз хотираи таърих фаромӯшгардида аз нав эҳё гардад. Мактаби ташкилкардаи Б. Ғафуров дар роҳи шинохти таърихи миллат боис гардид, ки минбаъд дар ин замина муаррихини зиёде ба саҳнаи илм ворид гарданд. Мактаби таърихнигории тоҷик маҳз бо талошу заҳмати ҷонфидоёнаи академик Б. Ғафуров ташаккул ва рушд кард. Ӯ «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»–ро соли 1947 таълиф намуд. Дар тақризи он устод Садриддин Айнӣ ин падидаро «ҳодисаи бузург» номид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешгуфтори худ зимни муаррифии китоби «Тоҷикон» онро «шиносномаи миллати тоҷик» ва заҳмати сисолаи академик Бобоҷон Ғафуровро «хидмати рустамона» арзёбӣ карданд. Чунин арҷгузориҳо ба хидматҳои шоёни арбобони илму фарҳанг ҳикмати «Бузургонро бузургон зинда медоранд»–ро пеши назар меорад. Китоби «Тоҷикон» арзиши баланди илмӣ дошта, муаллиф дар рафти омӯзиш ва таҳқиқи таърихи халқи тоҷик аз ду ҳазор адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ истифода намудааст. Яке аз хусусиятҳои хоси китоб дар он ифода меёбад, ки муаллиф пурра принсипҳои илмӣ-таҳқиқотиро истифода намудааст.

Ҳамин аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26-уми декабри соли 2019 зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар изҳор доштанд, ки «Бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби «Тоҷикон»–ро аз ҳисоби Фонди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда, то ҷашни 30–солагии Истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оилаи кишвар туҳфа намоянд». Тавре ки маълум аст, китоби «Тоҷикон» ба ҳар як оилаи тоҷик дастрас гардид. Бо мақсади тадбиқи ҳадафи ин иқдом 7 июли соли 2022 Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тасвиб расид, ки дар асоси он соли 2023 ба муносибати 115 – солагии академик Бобоҷон Ғафуров озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» баргузор мегардад. Қобили зикр аст, ки иқдоми навбатии Пешвои миллат, воқеан, падидаи ниҳоят арзишманд, беназир ва мондагор аст.

Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» таҳти сарпарастии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир мегардад ва ҳаҷми маблағи умумии он аз фонди махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо мегардад, ки 1 млн 480 000 сомониро ташкил медиҳад. Гап сари он аст, ки Пешвои миллат ин андоза маблағҳои калонро ба хотири босавод гардонидани миллат ва аз роҳи илму дониш расидан ба саодати зиндагӣ ҷудо мекунанд.

Чанд нуктаро бояд ба таври ҷудогона зикр намуд, ки аз муҳимият ва мубрамияти Озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» далолат мекунанд.

Дар асри технологияи иттилоотӣ, ки ба истилоҳ асри тамаддуни иттилоот низ ном мебаранд, муборизаҳои иттилоотӣ ченаки асосии мавқеи ҷомеаҳо гардидааст, мо ба таърих рӯ меорем, то дар муборизаҳои иттилоотӣ бо иттилооте иштирок намоем, ки ҳувияти моро муаррифӣ мекунад ва аз манфиатҳои милливу давлатии мо дифоъ менамояд. Яъне таърих низ иттилоот аст, маълумот аст, ба ин манзур, ки дар маҷмуъ, донишҳои таърихии мо дар набардҳои иттилоотӣ ҳамчун сипар хидмат намояд. Ҳамон гуна, ки устод Садриддин Айнӣ гуфта буд: «Мо бояд таърихро ҳамчун сипар истифода барем».

Ҳоло мо дар шабу рӯзе роҷеъ ба озмуни мазкур андешаронӣ мекунем, ки озмун аз ҷониби доираҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ баррасӣ мешавад, вале, вақте ки озмун баргузор мегардад ва дар ниҳояти мақсад мебинем, ки як ҷавони тоҷик ё як узви ҷомеаи Тоҷикистон дигар дар ҷангҳои иттилоотӣ на ба иттилооти камарзиш, балки бо бурҳони қотеъ бо баҳрамандӣ аз китоби «Тоҷикон» баромад мекунад ва устуворона манфиатҳои давлату миллат ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолиро бо нигоҳ андохтан ба саргузаштҳои таърихии ниёгон дифоъ менамояд, ғайриихтиёр ба иродаи матин ва нигоҳи бикру дурандешонаи Пешвои миллат эҳтиромро қоил мешавем. Озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» на танҳо гаравиши ҷавононро ба гурӯҳҳои манфиатҷӯву тундхӯву иғвоангезу ҷудоиандоз пешгирӣ мекунад, балки онҳоро ба муборизаҳои беамон алайҳи чунин ҷараёнҳои радикалӣ водор месозад.

Ин озмун на фақат қишрҳои васеи ҷомеаро ба омӯзиши таърих тавассути китоби «Тоҷикон» ҷалб менамояд, гузашта аз ин, иштирокчиёни озмун ба сарчашмаҳои дигари таърихӣ, ки оид ба таъриху тамаддуни миллати тоҷик маълумоти муфассал, мушаххас ва дақиқ медиҳанд, ошно мешаванд. Ба саҳифаҳои таърих ба воситаҳои гуногун роҳ меёбанд ва ҳақиқати таърихиро дар оинаи таърих мебинанд.

Китоби «Тоҷикон» сарчашмаи худшиносии миллӣ маҳсуб ёфта, озмуни ««Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» василаи таҳкимбахши ҳувияти миллӣ ва ифтихори ватандорӣ мебошад. Вақте ифтихори миллӣ дар заминаи донишҳои амиқи илмӣ ташаккул меёбад ва мафкура дар доираи ормонҳои миллӣ шакл мегирад, пас, ваҳдати комил, истиқлоли давлатӣ ва давлатдории миллӣ низ устувору пойбарҷо аст.

Озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» бо мақсади дар дили донишҷӯён бедор кардани шуълаи майлу рағбат нисбат ба омӯзиши таърих баргузор мегардад. Ба ин муносибат раёсати ДМТ тасмим гирифтааст, ки аз имрӯз ҷиҳати иштирок дар озмуни мазкур омодагӣ гирад.

Дар воқеъ, омӯзиши таърих яке аз василаҳои асосии ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ба ҳисоб меравад. Таърих тамоми марҳилаҳои сипаришудаи ниёгони халқро мавриди инъикос қарор дода, барои насли имрӯз дарси ибрат аст. Яке аз асарҳои нодири илмӣ, ки таърихи халқи тоҷикро ба таври хеле барҷаста инъикос менамояд, «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳисоб меравад.

Насли имрӯзи меҳан дар рафти омӯзиши ин шоҳасар аз сарнавишти ниёгони хеш бо тамоми ҷанбаҳояш ошно мегардад. «Тоҷикон» инъикосгари муборизаҳои оштинопазири ниёгони тоҷикон дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ ба муқобили аҷнабиён аст. Ҳамчунин, дар китоб ҳаёт ва фаъолияти чеҳраҳои мондагори миллат сабт гардидааст, ки барои насли имрӯз, махсусан, ҷавонон намунаи олии дарси ибрат мебошад.

Ҷавононро мебояд, ки ин китобро, ки сарчашмаи худшиносии миллӣ ба ҳисоб меравад, омӯхта, дар пайравӣ аз ниёгони шарафманди хеш баҳри рушди ин Ватану миллат талош намоянд.

***Қ. ХУШВАХТЗОДА,***
***ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор***

# Сарчашмаи худшиносӣ

Ба дунёи илм ва сиёсат омадани аллома Бобоҷон Ғафуров як рӯйдоди нодири асри бист ба ҳисоб меравад. Муҳити фарҳангии хонавода ва маърифати баланди модари эҷодкор Розия Озод дар ташаккули шахсият - олими оянда нақши муассир гузоштааст. Барои кӯдакону наврасони мо омӯхтани рӯзгори устод Ғафуров ниҳоят муҳим аст. Устод Бобоҷон Ғафуров дар баробари сабақи мактаби зиндагониро гирифтан, ба омӯзиши илм ҳам ҷиддӣ машғул шуд. Фаъолияти эҷодиаш аз кор дар матбуоти даврӣ оғоз ёфт. Истеъдоди баланди худодод ва ифтихори баланди миллӣ олими номварро водор кард, ки ба хотири ҳимояи шарафи халқи тоҷик ва барқарор кардани ҳақиқати таърихӣ ба майдони мубориза барояд. Роҳнамои асосии Бобоҷон Ғафуров устод Садриддин Айнӣ буд. Бешак, китоби «Тоҷикон» идомаи асарҳои дар мавзуи таърих навиштаи устод Айнӣ аст.

Дар ҳақиқат, чоп шудани китоби «Тоҷикон» барои миллати тоҷик як рӯйдоди бузургӣ таърихӣ ва фарҳангӣ буд. Дар замони Шӯравӣ ба чунин кори бузург даст задан кори осон набуд. Устод Ғафуров ба факту далелҳои раднопазир қадимӣ ва соҳибфарҳанг будани халқи тоҷикро исбот кард. Аллома Бобоҷон Ғафуров бо иншои китоби «Тоҷикон» риштаҳои кандашударо дар байни тоҷикони ҷаҳон пайваст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба аҳамияти «Тоҷикон» гуфтаанд:

«Сарнавишти миллати тоҷик дар тӯли асрҳо баробари дигар мардуми эронинажод басо печида ва пуршебу фароз аст. Хушбахтона, ду фарзанди нобиғаи миллати тоҷик – устод Садриддин Айнӣ ва академик Бобоҷон Ғафуров ҷиддан дар пайи тарғиби таърихи миллат шуданд. Бобоҷон Ғафуров бо ҳидояти устод Айнӣ ба кори пуршараф камар баст. Хонандаи тоҷик тавассути китоби «Тоҷикон» аз мақоми худшиносӣ ба омӯхтани таърихи гузаштаи худ рӯ овард».

***Хуршеда СОЛЕҲОВА,***
***омӯзгори таърихи мактаби байналмилалии шаҳри Душанбе***

**ФАРОҒАТИ МАКТАБИЁН**

# «Парасту» – ҷойи дӯстдоштаи кӯдакон

Лагери истироҳатӣ-фароғатии «Парасту »-и назди Муассисаи таҳсилоти иловагии минтақаи Кӯлоб ба фаъолият оғоз намуд. Дар расми кушодашавии истироҳатгоҳи мазкур намоиши барномаи фарҳангӣ доир гардид, ки дар он зиёда 80 нафар кӯдаку наврас иштирок намуданд.Тавре Ҳайдар Ҳайдарзода, роҳбари Муассисаи таҳсилоти иловагии минтақаи Кӯлоб иттилоъ дод, бо мақсади дар сатҳи баланд гузаронидани истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон дар истироҳатгоҳ, мо мутахассисони махсусро даъват намудем. Ин мутахассисон аз курсҳои омӯзишии сатҳи байналмиллалӣ гузашта, аз шакли дурусти корбарӣ бо кӯдак ва ҷолибсозии маҳфилҳо бархӯрдор мебошанд. Ҳамасола дар таътили тобистонаи мактаббачагон дар ин ҷо дар се давр 60-80 нафар кӯдаку наврас аз оилаҳои омӯзгорону фарзандони оилаҳои ниёзманд ба истироҳату фароғат фаро гирифта мешаванд. 21-уми июл даври дуюми фароғатгоҳ бо ҷалби 80 нафар кӯдаку наврас оғоз ёфт. Дар фароғатгоҳ барои бачаҳо тамоми шароити хубу мусоид муҳайё гардидааст. Бояд қайд кард, ки истироҳатгоҳи «Парасту» дорои ошхона, ҷойи истироҳат, майдончаи варзишӣ ва гулгаштҳо мебошад. Масоҳати умумии истироҳатгоҳи «Парасту» 2 га-ро ташкил медиҳад. Иттифоқи касабаи муассиса барои истироҳату фароғати фарзандони омӯзгорону роҳбарони маҳфилҳо тамоми шароитҳоро фароҳам оварда, хароҷоту масрафи хӯроквориро бо таври ройгон ҷуброн мекунад. Дар фароғатгоҳ кӯдакону наврасон ҳам истироҳат мекунанду ҳам ба омӯзиши фанҳои дақиқ машғул мешаванд.



***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

**Аз 1 то 6 августи соли равон дар шаҳри Душанбе мусобиқаи байналмилалӣ оид ба теннис барои дарёфти Ҷоми Президенти Тоҷикистон баргузор мегардад.**

ХЕШТАНШИНОСӢ

# Сомонаҳои иҷтимоӣ ва таъсири манфии онҳо

*Барномаҳои компютерӣ ва дигар сомонаҳои иҷтимоӣ имкони васеъ дошта, аввалан, вақтро бениҳоят сарфа мекунанд, ки дар ин мавриди эҳтимолияти кам гаштани хароҷоти шахс мегардад. Дувум, муваффақияти технологӣ дар он аст, ки имрӯз ҳар як фард дар куҷое ва дар кадом ҳолате бошад, метавонад ба воситаи компютер ва ё телефони мобилӣ ҷараёни фаъолияти корхонаро идора намояд.*

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ чунон бо суръати баланд пеш мераванд, ки тамоми навъи фаъолият ё худ ҳисоббаробаркуниҳо, хизматрасониҳою иттилоот ба ҳама гӯшаи дунё дар як лаҳза интиқол дода мешаванд. Саволе ба миён меояд, ки мушкилӣ дар чист, ки ҳамагон аз ин дастовардҳо самаранок истифода бурда наметавонанд? Дар ҳақиқат, барои ҷавоб додан ба ин савол фикри як шахс ё як гурӯҳ одамон қонеъкунанда нест.

Наврас ҳангоми дар сомона будан, хабарҳои рӯз, пешрафтҳои иқтисодию иҷтимоии дунё, садамаҳо, ихтирооти навтарин, пухтупази хӯрок, автомобилҳои навтарину гуногун, варзиш, муҳорибаҳо, ҷангҳои байнидавлатӣ, рақсу бозӣ, фаҳшу зӯроварӣ, амри маъруф, тарбияҳои динию ахлоқӣ, мулоқоти дуру дароз бо наздикон ва ғайраро мебинад. Ҳолати рӯҳии кӯдак кадоме аз инҳоро бардошт карда метавонад?

Волидайне, ки фарзандонашон дар сомонаҳои иҷтимоӣ аъзо мебошанд, чунин ҷавоб медиҳанд: ҳама доранд, пас фарзанди ман чаро надошта бошад? Ягон нафари онҳо ҷавоби аниқ дода наметавонанд, вале намедонанд, ки чӣ қадар вақти худро онҳо бо сомонаҳои иҷтимоӣ мегузаронанду чӣ зарари иқтисодию иҷтимоӣ ба фарзандон ба наздиконашон ба бор меоранд.

Агар ба атроф назар кунем, гӯё, ки мардуми дунё ошиқи экрани телефон шудааст, ё ба доми ҷодуи сомонаҳои иҷтимоӣ афтодааст. Оё дуруст аст, ки модар аз фарзандаш бештар ба сомонаи телефонаш назар кунад? Оё дуруст аст, толибилм нафрат ба дарс ва баръакс, муҳаббат ба телефон дошта бошад? Оё дуруст аст, ки наврас одитарин мафҳумҳои дарсиро намедонаду аммо аз тамоми хабарҳои дунё ва ному насаби қаҳрамонҳои бозиҳояшон бохабар бошад? Оё дуруст аст, ки ду-се ҳазор корманди ширкатҳои бонуфузи дунё бо ҳиссиёт ва ҳаёти 5-6 миллиард одами кураи Замин бозӣ кунад? Албатта, дуруст нест, ин бозӣ дар сомонаҳо ба косташавии муҳаббати бародарию дӯстии инсонҳо боис мегарданд.




Агар мо ба ин мушкилот амиқтар назар намоем, ба хубӣ дарк мекунем, ки ин ширкатҳо на танҳо фоида, балки зарари калони иқтисодию иҷтимоӣ низ меоранд. Сармояи ширкатҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар даҳ соли охир 1400 маротиба афзун гардидааст, ки ин аз даромади ширкатҳои солҳои тӯлонӣ фаъолияткунанда хеле зиёд аст. Сохтори ин ширкатҳо гарчанде ба нияти беҳбудӣ бахшидан ба иҷтимоиёти мардум нигаронида шуда бошад ҳам, мақсади асосиашон даромади зиёд ба даст овардан мебошад. Барои онҳо фарқ надорад, бинанда ба чӣ гуна мавод майл дорад, чӣ мехонад ва ба чӣ кор шуданаш мумкин. Муҳимаш ин аст, ки ҳаҷми калони маблағ ба ширкатҳои онҳо зиёд ворид гардад. Масалан, «Facebook», «Google» ширкатҳои бойтарини дунё ҳастанд, вале на он қадар коргари зиёд доранд. Фақат онҳо суперкомпютерҳо ва супербарномаҳое доранд, ки бинандаро ҳамчун мол истифода карда, боз аз он даромад ба даст меоранд. Яъне дар ин ширкатҳо бинанда ҳам мол ва ҳам харидори мол мебошад. Мо на танҳо вақти худро бой медиҳем, балки барои аз даст додани вақти худ маблағ медиҳем.

Дар донишгоҳи Стендфорд мутахассисонеро омода мекунанд, ки чӣ тавр аз рӯҳи инсон фикру андешаҳо ва бовариашонро гирифта, онро дар технология истифода баранд. Барои ҳамин, бовари бинандаи сомонаи иҷтимоӣ ба экрани телефонаш зиёдтар аст, нисбат ба дилхоҳ каси дигар, чунки намедонад психологияи ӯро ба муқобили худаш истифода мебаранд, ки яке аз онҳо Тристан Ҳарис мебошад.

Мутахассиси соҳаи технологияи иттилоотӣ Тристан Ҳарис қайд мекунад, ки дар дунё мушкилоте пайдо мешавад, ки даво ва дармон надорад. Ин мушкилоти иттилоотӣ ё технологӣ мебошад, ки инсон ба он дучор гардида, боз маблағ ҳам медиҳад. Ӯ қайд менамояд, ки кормандони сомонаҳои иҷтимоӣ фаъолиятеро истифода мекунанд, ки онро меъёри технологӣ меноманд. Ин ба монанди як навъ дизайне мебошад, ки бо пайдо шуданаш рафтори одамро дигар мекунад.

Аз ин лиҳоз, равоншиносон мегӯянд, ки дар оянда, бо эҳтимоли ғолиб, мо, инсонҳо, имкони ба мушкилоти вазнин дучор шуданро дорем. Албатта, вақте мо инро мушкилот мегӯем, кам одамон ба ин бовар кардан мехоҳанд, чунки аллакай 50-60%-и зиндагиамон аз ҳамин вобаста мебошад. Ҳар як истифодабарандаи сомонаҳои интернетӣ ба ҳисоби камтарин моҳе на камтар аз 50 сомонӣ сарф мекунанд. Дар як моҳ баробар ба 150 млн сомонӣ ва дар як сол бошад, ба 1,8 миллиард сомонӣ танҳо барои барномаҳои интернетӣ ва аниқтараш барои сомонаҳои иҷтимоӣ сарф менамоянд. Акнун тасаввур кунед, ки дар дунё чӣ қадар одамон истифодабарандаи сомонаҳои иҷтимоӣ мебошанд!

Фаромӯш набояд кард, ки оянди мо аз имрӯзи наврасон ва фарзандонамон вобаста мебошад. Инсон худ мушкил эҷод мекунад ва боз худ роҳи ҳалли онро ҷуста меёбад: Барои ин лозим аст, ки:

-донистани фанҳои дақиқ ва дуруст истифода бурдани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба толибилмон ва наврасони мо имкон медиҳад, ки дар истифодаи технологияҳои муосир дуруст тасмим гиранд;

– назорати падару модар аз болои фарзанд ва истифодаи дурусти телефонҳои мобилию сомонаҳои иҷтимоӣ;

– аз худ кардани барномаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба монанди ворд, эксел, С1;

-ҷалби наврасон ба варзиш, сайёҳӣ ва ташкили самараноки вақти холии онҳо, тарбияи дурусти фарзандон аз тарафи падару модар ва дигар аъзои оила;

-агар барои дастрас намудани маводи таълимӣ истифодабарии интернет зарур бошад, он бояд зери назорати яке аз волидон сурат гирад. Инчунин, фаромӯш набояд кард, ки агар мо имрӯз ин масъаларо назарногир пиндорем, фардо давои ин бемориро нею давои аз ин офат баромаданро меҷӯем.

***Рустамҷони ҚУДРАТЗОДА,***
***муовини сардори раёсати тадқиқоти масъалаҳои соҳавӣ,***
***Фарзона ҒУЛОМНОСИРОВА,***
***коршиноси раёсати тадқиқоти масъалаҳои соҳавии МТС-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

## 31 нафар омӯзгори ҷавон ба кор таъмин гардиданд

Раиси ноҳияи Ховалинг Маҷидӣ Мухтадӣ зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки дар соли таҳсили 2021-2022 дар 52 муассисаи таълимии ноҳия 12 ҳазору 476 нафар хонанда таҳсил мекунанд, ки ба онҳо 938 нафар омӯзгор таълиму тарбия медиҳанд.

Имсол 140 нафар хонандаи муассисаҳои таълимии ноҳия дар озмунҳои вилоятӣ ширкат варзида, сазовори 12 медали тилло, 22 медали нуқра ва 23 медали биринҷӣ гардиданд. Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ соҳиби 3 медали тилло, 5 медали нуқра ва 5 медали нуқра гардиданд. Аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ дар соли 2022 112 ҳазор сомонӣ ба муассисаҳои таълимии ноҳия барои харидорӣ намудани компютерҳо ҷудо гардидааст, ки иҷрои нақшаи харидории компютерҳо 74 % таъмин мекунад. Мавсуф ҳамзамон афзуд, ки барои таъмиру тармими муассисаҳои таълимӣ аз буҷаи маҳаллӣ 246 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст, ки то имрӯз 70%-и маблағи таъмир дастраси муассисаҳои таълимӣ гардидааст. Аз ҳисоби маблағҳои АВО-и муассисаҳои таълимӣ 72 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст. Айни ҳол 80%-и муассисаҳои таълимии ноҳия аз таъмири ҷорӣ бароварда шудааст.

## Норасоиҳоро бартараф бояд кард

Раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Одиназода Бозоралӣ бо иштироки доираи васеи намояндагони ВАО нишасти матбуотӣ баргузор намуда, қайд намуд, ки сатҳи таълиму тарбия сол то сол баланд гардида, дар соли таҳсили 2021-2022 хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия дар озмунҳои вилоятӣ фаъолона ширкат варзида, сазовори 96 медал гардиданд. Аз шумораи 1976 нафар хатмкунандаи синфи 11 тариқи ММТ 1576 нафар дар муассисаҳои олии касбии кишвар аз қайд гузаштанд, ки 77,9%-ро ташкил мекунад. Соли ҷорӣ 18 нафар хонандаи беҳтарин, тибқи озмуни квотаи Президентӣ барои давом додани таҳсил дар муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ роҳхат гирифтанд. Айни замон иҷрои нақшаи харидорӣ намудани компютерҳо 66,6% иҷро гардидааст. Иҷрои барномаҳои давлатӣ оид ба соҳаи маориф дар ноҳия аз сабаби сари вақт маблағгузорӣ нашудан аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва соҳибкорони маҳаллӣ таъхир ёфта истодааст. Ҳамчунин, Одиназода қайд намуд, ки бинобар набудани маблағ барои истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон, лагерҳои истироҳатӣ – фароғатӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ ташкил карда нашуданд. Дар нимсолаи аввали соли 2022 сохтмони бинои нави муассисаи таълимии №43-и деҳоти Ҳуснобод идома дорад. Сохтмони бинои муассисаи таълимии №35 барои 264 ҷойи нишаст бо маблағгузории сафорати Япония ба анҷом расида, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Айни замон сохтмони 3 синфхона дар назди муассисаи таълимии №26 ба анҷом расонида шуд. Ҳамчунин, сохтмони муассисаи таълимии №10 бо дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ ва азнавсозии бинои муассисаи томактабии деҳаи Сайроб аз ҳисоби буҷаи вилоти Хатлон идома дорад.



***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

14 нафар хатмкардаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Томски Русия роҳхат гирифтанд.

*Бузургтарин дастовард дар зиндагӣ мутааллиқ ба худ будан аст.*
*Мишел Монтен*

«Омӯзгор» № 31, 4 августи соли 2022

ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ «ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР»

# Норасоии оби ошомиданӣ - мушкилоти замон

***Норасоии оби нӯшиданӣ дар сайёра ҳанӯз аз соли 1950 муайян гардида буд. Ҳаҷми бузурги обҳои ҷоришаванда барои обёрии заминҳои кишоварзӣ сарф шуда, ҳамагӣ 2 дарсади он ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯ мебошаду халос. Барои баромадан аз ин мушкилот роҳи ягонаи таъмини аҳолии сайёра бо оби ошомиданӣ ширин кардани обҳои баҳрӣ мебошад, гарчанде ки ин усул сермасраф аст.***

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки бо ташаббуси СММ 5-уми март рӯзи умумиҷаҳонии оби нӯшиданӣ эълон шуда, он аз соли 1992 инҷониб дар кишварҳои дунё қайд карда мешавад. Мувофиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид ҳоло дар рӯи замин истифодаи умумии об ба бештар аз 2836 км дар як сол расида, зиёда аз нисфи сарфаи об ба қитъаи Осиё рост меояд. Аз ҷиҳати захираи об дар Осиёи Миёна Тоҷикистон ҷойи аввалро ишғол мекунад. Истеъмоли оби ифлос сарчашмаи бемориҳои сирояткунанда ва ҳодисаҳои даваст, масъалаҳои муҳимтаринро дар ин бахш баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, онҳо масъалаҳои арзёбии манбаъҳои об, ҳифзи обҳо ва пиряхҳо, идоракунии захираҳои об, дурнамои комплекси хоҷагии об, корҳои илмию тадқиқотӣ, тайёр намудани кадрҳо, масоили ҳуқуқӣ ва институтсионалии комплекси хоҷагии обро дарбар мегиранд. Бехатарии об, ҳифзи захираҳои об, нигоҳ доштани он барои наслҳои оянда мушкилоти ҳар як мамлакат ва дар айни замон, проблемаи умумиҷаҳонӣ мебошад. Об барои ҳалли масъалаҳои умдаи рушди устувори экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ захираи муҳими стратегӣ мебошад. Бинобар он, ташаббуси таърихии Роҳбари давлати Тоҷикистон оид ба гузаронидани Соли байналмилалии «Оби тоза», даъвати Форуми байналмилалии Душанбе оид ба оби тоза, аз ҷониби СММ солҳои 2005-2015 чун Даҳсолаи амалиёти «Об – барои ҳаёт», ки аз ҷониби зиёда аз 140 давлати ҷаҳон пурра ҷонибдорӣ гаштааст, асоси илмӣ ва аҳамияти умумиҷаҳонӣ дорад. Ин ташаббус дар бораи афзоиши бемайлони нақш ва ширкати фаъолонаи давлати тоҷикон дар ҳалли муаммоҳои глобалии башарӣ шаҳодат медиҳад.

Об яке аз унсурҳои асосии боигарии миллии мамлакат ва бехатарии он мебо-



фавти одамон дар саросари ҷаҳон гардидааст. Тибқи ҳисоботи Созмони Милали Муттаҳид, то соли 2025 аз се ду ҳиссаи аҳолии олам ба мушкилоти норасоии об дучор мегарданд. Ин вазъият тақрибан тамоми дунёро ба ташвиш овардааст. Аз ин рӯ, ҳифзи захираҳои обӣ ва истифодаи сарфакоронаи онҳо яке аз масъалаҳои асосии имрӯзаи ҷаҳон аст.

Коршиносон хуб огоҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дили қитъаи бузурги Осиё ҷойгир асту аз ҷиҳати захираи неруи об дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол менамояд. Агар захираи оби Осиёи Миёнаро 100 фоиз гӯем, 55 фоизи онро Тоҷикистон ташкил медиҳад. Барои муқоиса Қирғизистон-26,4 фоиз, Ӯзбекистон-14,5 фоиз, Туркманистон-4,3 фоизи захираи неруи оби ин минтақаро дорад. Дар қуллаҳои осмонбӯси кӯҳҳои мамлакати мо захираи бузурги барфу пиряхҳо вуҷуд дорад. Миқдори пиряхҳо 145,09 адад буда, масоҳати онҳо ба 111,46 $км^2$ баробар аст. Захираи умумии пиряхҳо ба 845 $км^3$ баробар аст, ки 13 маротиба аз миқдори яксолаи обҳои ҷоришавандаи дарёҳои Тоҷикистон зиёд мебошад. Лекин тағйирёбии иқлим гармшавии ҳарорат дар Осиёи Миёна ба захираҳои обии ин минтақа таъсири манфии худро расонида истодааст. Дар натиҷаи гармшавии иқлим масоҳати пиряхҳо кам шуда истодаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар сад соли охир масоҳати пиряхҳои Тоҷикистон 30% кам гаштааст.

Консепсияи истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои оби ҷумҳурӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 ноябри соли 2001 таҳия ва тасдиқ шушад. Дар ҷодаи захираҳои об принсипи тамоман нави муносибатҳои байнидавлатӣ ҷорӣ мегарданд. Тавре ки дар Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои сарҳадгузар, ки 30 майи соли 2005 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, қайд гардид, ҳалли босамар ва мутақобилан судманди масоили марбут ба захираҳои об дар маънии васеъ ва ҳатто глобалии он – таъмини сулҳ, рушд ва суботи давлатҳо мебошад.

Ҳоло проблемаҳои дар доираи масоили об вуҷуддошта бисёр буда, асосан ин омилҳоро дар бар мегиранд:

- проблемаи ҳифзи баҳри Арал, ки бо вайроншавии тавозуни иқлим ва фазо барои 35 млн. нафар аҳолии минтақа таҳдид мекунад;
- тақсимоти об дар ҳавзаҳои дарёҳои сарҳадгузар, бахусус, оби дарёҳои сарҳадгузар, ки ба ҳавзаи баҳри Арал мерезад ва аз он 6 давлат истифода мекунад;
- муносибатҳои додугирифти байни давлатҳои обдиҳанда ва обгиранда – болооб ва поёноб;
- масоили пардохти хароҷоти танзими мавсимии об (Норак, Қайроққум) аз ҷониби давлатҳои ҳавасманд ва ғайра.

Иқдоми пешгирифтаи Роҳбари давлат баҳри ҳалли проблемаи норасоии об дар сайёра, хусусан, кӯдакон, аҳамияти калон дорад, зеро аз беобӣ кӯдакон зиёдтар ранҷ мебаранд.

***Шарофиддин КАРИМОВ,***
***Шарифҷон БЕГОВ,***
***омӯзгорони коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии шаҳри Бохтар***

НИГАРОНӢ

# Боби «Коррупсия» куҷо шуд?

***Коррупсия таърихи хеле қадима дошта, аз замони пайдоиши давлатҳои нахустин, яъне аз замоне ки вазифаи идоракунӣ имконияти фоидабахширо ба вуҷуд овард, маълум аст. Дар сарчашмаҳои таърихии Бобулистон, Юнон ва Рими Қадим дар бораи коррупсия хотиррасон шудаанд.***

Ба таъкиди Пешвои миллат: **«Коррупсия дар қатори дигар зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир асосҳои давлатдориро суст карда, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегардад».**



Дар бораи коррупсия ва пешгирии он дар сатҳи байналмилалӣ якчанд санад қабул шудааст, ки Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия (31.10.2003), Кодекси байналмилалии рафтори ашхоси мансабдори давлатӣ (28.01.1997), Нақшаи амалиёти Истамбулӣ дар мубориза бар зидди коррупсия барои мамлакатҳои иқтисодиёташон даргузар (12.09.2003 ва ғайраҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Соли 1995 Соли мубориза бо коррупсия эълон шуда буд. Ҳамасола 9 декабр ҳамчун Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия қайд карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдори Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятҳориҳои муташаккили трансмиллӣ, Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия ва Нақшаи амалиёти Истамбулӣ дар мубориза бар зидди коррупсия барои мамлакатҳои иқтисодиёташон даргузар мебошад. Инчунин, дар ҷумҳурӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия заминаҳои қонунӣ -ҳуқуқӣ вуҷуд дошта, доимо мукаммал шуда истодааст. Ба ғайр аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия (25.06.2005), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» (26.01.2008, №34), Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2008, №1504, «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва дигар санадҳои зиддикоррупсионӣ амал мекунанд.

Яке аз роҳҳои муҳими пешгирии коррупсия, тарғибу ташвиқи донишҳо дар бораи коррупсия мебошад. Омили аз ҳама муҳими пешгирии коррупсия ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ, махсусан, насли наврас тавассути барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Ин омил бояд аз давраи мактабхонӣ дар ниҳоди хонандагон тарбия ёбад.

Чанд сол пеш дар барномаи таълимӣ ва китоби дарсии «Ҳуқуқи инсон» барои синфи 10 боби алоҳида бо номи «Ҳуқуқи инсон ва проблемаҳои коррупсия» илова шуда, аз чор мавзуи муҳим: «Тавсифи коррупсия хамчун зуҳурот», «Оқибатҳои коррупсия ва таъсири он ба амалишавии ҳуқуқҳои инсон», «Чораҳои зиддиамали коррупсия», «Пешгирии коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» иборат буд, ки хонандагон дар бораи коррупсия, таърихи пайдоиш ва навъҳои он, оқибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ доштани он ва ғайра маълумотҳои зиёдеро пайдо мекарданд. Инчунин, чораҳои зидди коррупсия ва роҳҳои пешгирии онро меомӯхтанд. Аммо дар барномаи нави таълимии ин фан («Ҳуқуқи инсон», синфи 10, соли 2018) ин мавзуъҳо дохил нашудаанд ва омӯзонида намешаванд. Ба фикри мо, аз нав ба барнома ҷой кунонидани боби коррупсия ва омӯзонидани он ба хонандагон ба манфиати кор хоҳад буд

***Ҳ. СИРОҶОВ,***
***мушовири шуъбаи маорифи ноҳияи Тоҷикобод***

ЧОРАБИНӢ

# Гусел ба мактаб



Маркази инкишофи кӯдакони Хадамоти Оғохон оид ба маориф дар ноҳияи Ишкошими ВМКБ соли дуюм аст, ки кӯдакони синни мактабиро барои таҳсил ба мактаб гусел мекунад.

Дар маъракаи имсолаи гусел бо иштироки мураббиягон, волидони кӯдакон чорабинии хотирмони «Хайр, боғча» баргузор гардид. Кӯдакон бо лаҳни ширин дар васфи ватану модар ва забони тоҷикӣ шеърҳо хонда, рақсу бозӣ карданд.

***Ҷ.ҚОЗИБЕКОВ,***
***«Омӯзгор»***

МАСЪУЛИЯТ

# Омӯзгорӣ саодатмандист

***Таҷрибаи чилсолаи омӯзгорӣ ба ман имконият медиҳад, ки оид ба нақши омӯзгор ва рисолати ӯ фикру мулоҳизаҳои хешро пешниҳод намоям.***

Рисолати якум – соҳиби дониши хуби касбӣ будан аст. Омӯзгор вазифадор аст, нозукиҳои касби хешро хуб донад, барои мукаммал намудани донишҳои амалӣ ва назариявӣ аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода барад, фаромӯш насозад, ки лаҳзае дур будан аз омӯзиш барои омӯзгор фоҷианок мебошад. Донистани асосҳои илми технологияи информатсионӣ барои омӯзгор монанди обу ҳаво зарур аст, зеро дарси имрӯзаро бе истифодаи технологияи навин тасаввур кардан мумкин нест. Ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки аз курсҳои кӯтоҳмуддат оид ба омӯзиши компютер гузарад. Омӯзгор бояд дониши сиёсии баланд дошта, доимо аз навигариҳои ҷомеа бохабар бошад ва ҳамчун иттилоъдиҳандаи беҳтарин пайваста дар байни коллективҳои меҳнатӣ ва омма баромад намояд. Омӯзгорро зарур аст, ки забонҳои хориҷиро хуб донад, махсусан, русӣ ва англисиро, зеро барои шинос шудан ба навигариҳои илму техника донистани ин забонҳо мусоидат мекунад. Забони давлатиро бояд ба дараҷаи аъло донад, қоидаи имлоро аз худ намояд, дарк бояд намояд, ки донистани забони тоҷикӣ, эҳтиром нисбат ба миллат ва давлат аст. Таърихи кишварро донистан зарур аст. Ҳар як омӯзгор ҳатман бояд китоби “Тоҷикон” – и академик Бобоҷон Ғафуровро мутолиа намояд, ки ин қарзи шаҳрвандии ҳар яки мост. Ман дар ин ҷода ба ҳар як оила тақдим намудани “Тоҷикон”- ро мондагортарин иқдоми Президенти кишвар меҳисобам.

Рисолати дуввум – омӯзгор дар рафтор, гуфтор ва пиндор бояд намунаи дигарон бошад, шаъну шарафи хешро нигоҳ дорад, кӯшиш намояд, ки аз обрӯ ва эътибор дар коллектив ва ҷомеа доимо бархӯрдор бошад. Аз ёд фаромӯш набояд кард, ки омӯзгор барои шогирдон намуна аст. Либоспӯшӣ, тарзи гаштан, сухан гуфтани омӯзгор барои шогирдон ибрат аст.

Рисолати саввум –сохтани нақшаҳои гуногун. Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои омӯзгорон, ки набудани яке аз онҳо вайрон кардани қоидҳои дохилимуассисавӣ, ба содир намудани норасоиҳо ва камбудиҳо оварда мерасонад, ки натиҷааш аз сарзаниш то аз вазифа сабукдӯш шуданро аз вазифаи ишғолнамуда метавонад гардад, инҳоянд:

а) мавҷудияти нақшаи таълимие, ки аз тарафи вазоратҳо тасдиқ карда шудааст, иҷрои нақша барои ҳар як фан дар алоҳидагӣ ҳатмист;

б) мавҷудияти нақшаи тақвимӣ, ки аз тарафи муаллим дар асоси барномаҳои тасдиқнамудаи вазоратҳо сохта мешавад, бо имзои роҳбари иттиҳодияи методии фаннӣ ва навиштаҷоти “Нақшаи мазкур бо барномаи таълимӣ мувофиқат мекунад, инчунин, дар он соатҳо барои корҳои санҷишӣ (диктант, иншо, нақли хаттӣ, корҳои санҷишӣ аз фанҳои табиӣ – риёзӣ, корҳои лабораторӣ, соатҳои такрорӣ ва ғайра) дар мувофиқа бо барномаи таълимӣ нишон дода шудаанд. Ҳамзамон, нақшаи тақвимӣ аз тарафи ҷонишини директор оид ба корҳои таълиму тарбия бо навиштаҷоти бо “Нақшаи тақвимии омӯзгор Б. Мирсаидов аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик барои соли хониши 2022 -2023 барои истифода бурдан иҷозат дода мешавад. Инчунин, нақша бо навиштаҷоти “ Тасдиқ мекунам” ва гузоштани муҳри муассиса ва имзо аз тарафи директор ҳукми қонунӣ мегирад, ин чараён бояд то 31 август ба охир расонида шавад.



в) мавҷудияти нақшаи яксоатаи дарс аз тарафи омӯзгор бо нишон додани рӯз ва моҳ, мавзуъ, мақсади дарс, намуди дарс, рафти дарс – омодагии синф ба дарс (рапорт ё арзномаи навбатчӣ ё сардори синф дар бораи омодагии синф ба дарс), пурсиши вазифаи хонагӣ, баёни мавзуи нави дарс, мустаҳкамкунӣ, додани вазифаи хонагӣ, мондани баҳо, ҳамзамон, бо мондани имзои омӯзгор ва ҷонишини директор ба охир мерасад. Нақшаи яксоатаи дарс ҳар рӯз пеш аз дарс бо имзои ҷонишини директор барои истифода бурдан ҳукми қонунӣ мегирад;

г) мавҷудияти нақшаи тарбиявӣ барои синф, ки аз тарафи роҳбари синф сохта мешавад ва аз тарафи иттиҳодияи методӣ, ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ барои истифода иҷозат дода мешавад ва аз тарафи директор тасдиқ карда мешавад. Нақшаи ҳафтаина низ барои роҳбари синф ҳуҷҷати зарурӣ буда, бо имзои ҷонишини директор ҳар рӯзи душанбе баррасӣ мегардад.

д) мавҷудияти номгӯи 35 соати тарбиявӣ, ки аз тарафи роҳбари синф бо баҳисоб гирифтани синну сол, намудҳои тарбия аз рӯи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта мешавад, инчунин, 35 нақшаи яксоатаи тарбиявӣ ҳар ҳафта як соат мувофиқи ҷадвали гузаронидани соатҳои тарбиявӣ сохта, аз тарафи ҷонишини директори муассиса оид ба корҳои тарбиявӣ барои истифода бурдан иҷозат дода мешавад.

е) мавҷудияти нақшаи кории кабинети фаннӣ, агар омӯзгор мудири кабинет бошад. Ин нақша бо тасдиқи директор ва иҷозати ҷонишини директор оид ба таълиму тарбия барои истифодабарӣ ба анҷом мерасад. Нақшаи ҳафтаина низ барои мудири кабинет зарур аст.

Рисолати чорум – дар давраи фаъолияти корӣ омӯзгорро зарур аст, принсипи асосӣ – талабот ва ҳурмат нисбат ба шахсияти хонандаро пурра риоя намояд.

Рисолати панҷум – омӯзгор дар ҳақиқат, бояд ҳамаҷиҳата ба касби худ арзанда бошад, ҳам дар пӯшидани либос, ҳам дар сухан гуфтан, ҳам дар оростани ҳуҷҷатҳои зарурии корӣ, ҳам дар андеша кардан, ҳам дар муносибат бо дигарон. Хуллас, омӯзгор гули сари сабади ҷомеа мебошад, инро аз ёд фаромӯш кардан нашояд.

***Ниёз НИЁЗОВ,***
***омӯзгори литсейи касбии техникии шаҳри Истиқлол***

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

# Омӯзиши мақсаднок - омили худшиносӣ

***Имрӯз дар соҳаи маориф диққати бештар ба рушди зинаи таҳсилоти томактабӣ дода шудааст, ки ин бесабаб нест, зеро зербинои донишандӯзиро ҳамин зинаи таҳсилот ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, шумораи муассисаҳои томактабӣ ба маротиб зиёд карда мешаванд, то ки ба рушди қобилияти зеҳнии кӯдакон шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Вобаста ба ин, бунёди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ аз ҷониби Ҳукумат ва Давлатдар назар дошта шудааст.***

Тибқи нақшаи Ҳукумати мамлакат, муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои томактабӣ то соли 2022 барои фаро гирифтани 30 фоиз кӯдакон пешбинӣ шуда буд. Аз 8-10% солҳои қаблӣ ба 30% расонидани фарогирии кӯдакон дар шаҳру ноҳияҳо қадами бузурге дар рушди таҳсилоти томактабӣ маҳсуб меёбад.

Чунин муносибат ба таълиму тарбия пойдории давлатро муаррифӣ намуда, мо-омӯзгорону таҳқиқотчиёнро рӯҳбаланд мегардонад. Соли 2021 сохтмони 181 муассисаи таҳсилоти умумӣ дар ҳаҷми 900 миллион сомонӣ бо муҳайё намудани 54 ҳазор ҷойи нишаст амалӣ гардид.

То ҷашни 30 - солагии Истиқлоли давлатӣ 128 муассисаи томактабӣ ва 338 муассисаи таҳсилоти умумӣ бунёд гардида, дар маҷмуъ, 1332 муассисаи таълимӣ ва томактабӣ тармиму таҷдид карда шуд. Ба хотири беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020 - 2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон гардид.

Пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо мекунад, ки омӯзгорон барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ бояд мунтазам кӯшиш кунанд, ки ин талаботи бозори меҳнат дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Омӯзгор агар сатҳи баланди касбӣ надошта бошад, ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонад. Аз ин рӯ, омӯзгорон бояд ба худомӯзӣ ва сайқал додани маҳорати касбӣ машғул гарданд.

Таҳлилу санҷишҳо нишон медиҳанд, ки натиҷаҳо дар самти такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русиву англисӣ чандон қонеъкунанда нестанд. Агар мо бо ҷомеаи пешрафтаи башарӣ баробар қадам гузоштанӣ бошем, бояд ба ҳалли ин масъала эътибори ҷиддӣ диҳем.

Тамоми зинаҳои таҳсилот дар замони соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаи фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи неруҳои зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, оину анъана ва дигар муқаддасоти миллӣ, ки ташаккулдиҳандаи одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мебошанд, эътибори доимиро тақозо доранд. Бояд зикр намуд, ки тайи солҳои охир таваҷҷуҳ ба ҳифзи забони давлатӣ, суннату арзишҳо ва либоси миллӣ зиёд шудааст, ки аз мактабу маориф кори доимиро дар ин самт талаб менамояд.

Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангӣ шинохта шудаанд, ки боиси ифтихор аст. Аз ин рӯ, таҷлили яке аз ёдгориҳои бостонии кишварамон - шаҳри қадимаи Саразм нишонаи соҳиби тамаддуни қадимӣ будани миллати тоҷик аст. Ин чорабинӣ тавонист фарҳанги беш аз 5500 – соладоштаи тоҷиконро ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намояд.

Таърихӣ будани соли 2021-умро бо далелҳои раднашаванда, яъне ба кор андохтани чархаи дуюми неругоҳи барқи обии «Роғун» ва ҳалли масъалаҳои дар тӯли зиёда аз ду даҳсола бавуҷудомадаи сиёсиву иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон тасдиқ менамоянд, ки ҳалли он як қадами устувору бузурги кишвари мо дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегияи миллӣ - истиқлоли энергетикӣ ба ҳисоб меравад.

***Баҳрон ЗУЛФОНОВ,***
***ходими пешбари илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ***

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

## 22 553 ҷуфти либоси мактабӣ барои хонандагон

Раиси ноҳияи Фархор Назрӣ Зариф зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки дар ноҳия 66 муассисаи таҳсилоти умумӣ, 4 муассисаи типи нав, 2 литсей, 2 гимназия ва хонаи бачагон фаъолият доранд. Ба таълиму тарбияи 40 337 хонанда 2800 омӯзгори соҳибкасб машғул ҳастанд. Дар соли таҳсили 2021-2022 ба шуъбаи маорифи ноҳия 216 нафар мутахассиси ҷавон тибқи роҳати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кор таъмин шуданд. Дар ноҳияи 10 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 260 нафар кӯдак фаъолият мекунад. Сол то сол сифати таҳсил ва донишандӯзии хонандагон баланд мешавад. Дар даври ноҳиявии озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» 1652 нафар иштирок намуда, барои иштирок ба даври вилоятӣ 50 нафар, «Илм-фурӯғи маърифат» 581 нафар иштирок намуда, ба даврӣ вилоятӣ 35 нафар ва «Тоҷикистон-Ватани азизи ман» 24 нафар иштирок намуда, ба даври вилоятӣ 16 нафар роҳхат гирифтанд. Дар соли таҳсили 2021-2022 аз теъдоди 2433 нафар умумии хатмкунандагон аз қайди ММТ 2092 нафар барои дохил шудан ба муассисаҳои олии касбии кишвар гузаштанд, ки 85,9%-ро ташкил мекунад. Барои омодагӣ ба соли нави таҳсил бо ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Самои К », корхонаи назди варзишгоҳи ноҳия, корхонаи «Умар-саноат», «Алӣ тиҷорат » ва 15 нафар дӯзандаи маҳаллӣ барои дӯхтани 92000 ҷуфт либоси мактабӣ шартномаи тарафайн баста шуда, то ин дам ба миқдори 22553 (24,5%) ҷуфт либоси дӯхта тайёр шудааст. Дар заминаи 13 муассисаи таълимӣ сохтмони синфхонаҳои иловагӣ барои 2475 ҷойи нишаст бо маром идома ёфта истодааст, ки то саршавии соли нави таҳсил мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

**Дар вилояти Хатлон барои ғолибони даври вилоятии озмуни «Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» 237 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид.**

«Омӯзгор» № 31, 4 августи соли 2022

*Аз ҳар бало рахнае барои гурез ҳаст; мушкил сари дидани он аст.*
*Даниел Дефо*

**НИШАСТИ МАТБУОТӢ**

# Тақвияти фаъолияти илмию тадқиқотӣ

***Дар нишасти матбуотии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов, директори ичроияи он Рустам Ғаниев ба рӯзноманигорон дар хусуси фаъолияти омӯзгорону кормандони илмии муассиса тайи шаш моҳи соли ҷорӣ иттилоъ дода, афзуд, ки таҳқиқоти илмӣ – инноватсионии филиал дар доираи се равияи илмӣ, техникӣ ва технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад, ки инҳо мушкилоти муосири илмҳои табиӣ, типология ва компаративистика дар филология ва мушкилоти мубрами илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ махсуб мeёбанд.***

ни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, «Муаммоҳои муосири математика ва татбиқи онҳо», «Асосҳои лингвистикии таълими забонҳои хориҷӣ», «Таҳқиқоти ҳамаҷонибаи ғубору ифлосиҳои газ дар минтақаҳои хушки Осиёи Марказӣ» ва ғайра аз ҳамин қабил ба шумор меравад. Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов маҷаллаи илмии «Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе»-ро ба табъ мерасонад, ки ҳамасола 8 шумораро дар бар мегирад. Дар



Айни ҳол ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои филиал 27 нафарро ташкил медиҳад. Аз онҳо 20 нафар, яъне 74 фоизи миқдори умумии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони филиал дар 25 конференсияи сатҳи гуногуни ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат варзида, 3 монография ва 83 мақола дар маҷаллаҳои даврӣ нашр намуданд. Ҳамзамон, дар доираи лоиҳаҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар соли 2022 2 лоиҳа ба маблағи умумии 152000 сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Натиҷаи иштироки донишҷӯёни филиал дар кори илмии дар соли 2020 27 адад, соли 2021 63 адад ва дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ таълиф ва ба табъ расондани 47 мақолa махсуб меёбад. Инчунин, донишҷӯёни филиал дар форуми байналмилалии донишҷӯён, аспирантон ва олимони ҷавон тахти унвони «Ломоносов-2022» дар шаҳри Москва ва озмунҳои сатҳи гуногун фаъолона иштирок варзида, маърӯзаҳои илмӣ анҷом доданд. Роҳбарият, омӯзгорон, профессорон ва дигар кормандони илмии донишгоҳ якчанд конференсия, семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва мизҳои гирд ташкил ва баргузор намуданд, ки конференсияҳои байналмилалии илмӣ - амалии «XII-умин хониши Ломоносовӣ бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии истиқрори робитаҳои дипломатӣ байдавраи ҳисоботӣ дар филиал як лоиҳаи байналмилалӣ дар асоси барномаи Эразмус + амалӣ шуда истодааст. Ҳадафи лоиҳа аз фаъолгардонии усулҳои инноватсионӣ ва малакаҳои соҳибкории донишҷӯён бо роҳи таъсис додани шароит барои вусъат додани имкониятҳои бо кор таъмин шудани хатмкунандагон дар Осиёи Марказӣ иборат аст. Робитаҳои байналмилалии филиали донишгоҳ ҳамасола густариш ёфта, феълан он бо донишгоҳҳо, марказҳои илмӣ ва сомонҳои тиҷоратии Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Беларус ва Федератсияи Россия 7 шартномаи ҳамкорӣ ба тасвиб расондааст. Ректор зикр намуд, ки 2 нафар устоди филиал ҷиҳати бомуваффақият дифоъ намудани рисолаи докторӣ ба маблағи 8000 сомонӣ ва ба 1 нафар устод ҷиҳати ҷойи аввалро ишғол намудани шогирдаш дар олимпиадаи байналмилалӣ ба маблағи 2400 сомонӣ кадрдонӣ гардиданд. Дар филиал литсей аз рӯи равияи илмҳои табиӣ, ки аз соли 2012 кушода шудааст, бо муваффақият амал мекунад. Теъдоди донишҷӯёни филиал 451 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 287 донишҷӯ дар гурӯҳҳои буҷавӣ ва 164 нафар дар гурӯҳҳои шартномавӣ таҳсил менамоянд. Дар ин давра 400 донишҷӯ аз таҷрибаомӯзӣ гузаштанд.

***Шодӣ РАҶАБЗОД, «Омӯзгор»***

***Дар Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар нишасти матбуотӣ директори донишкада Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан зикр намуд, ки Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон тибқи иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ дар зинаҳои бакалавриат аз рӯйи 28 ихтисос, магистратура аз рӯйи 8 ихтисос, докторантура PhD аз рӯйи 4 ихтисос ва дар зинаи таҳсилоти олии дуюм аз рӯйи 5 ихтисос мутахассисонро тайёр менамояд.***

107 адад принтер, 37 адад тахтаи электронӣ, 18 адад экран барои проектор, 107 адад проектор, 178 адад камераи мушоҳидавӣ мавҷуд буда, биноҳои таълимӣ бо Wi-Fi таъмин карда шудаанд. Инчунин, дар донишкада се адад китобхонаи анъанавӣ ва электронӣ, толори Интернет, озмоишгоҳҳои бонки таълимӣ, молшиносӣ ва муоинаи молҳои истеъмолӣ, криминалистика, синфхонаи компютерии бунгоҳи тиббӣ мавҷуд аст. Донишкада бо зиёда аз 240 корхона, ширкат, бонк, муассисаю ташкилот, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти идоракунии маҳаллию давлатӣ шартномаҳои тарафайн дорад. Дар давраи ҳисоботӣ 6 нафар омӯзгор рисолаҳои номзадиро сарбаландона ҳимоя намуданд. Рисолаҳои илмии 15 нафар унвонҷӯ ва аспирант тахия карда шуда, барои ҳимоя омода карда шудаанд. Донишҷӯёни до-

## Ҳамкории донишкада бо 70 донишгоҳи бонуфузи олам

"Заминаи моддиву техникии донишкада ҷавобгӯи талаботи стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Ҷараёни таълим дар чор бинои таълимӣ, ки аз 115 синфхонаи алоҳида иборатанд, ташкил карда шудааст. Дар Донишкада 802 адад компютери замонавӣ, 70 адад ноутбук, тиҷорати электронӣ, синфхонаи компютерии инноватсионӣ барои омӯзиши барномаи 1С – корхонаҳо, синфхонаи компютерии таълимии омор, утоқҳои лингофонӣ, ду маҷлисгоҳ бо 250 ва 90 ҷойи нишаст, се толори конференсия, майдончаи варзишии замонавӣ ва ду толори фитнес, ду Парки технологӣ, ду ошхона, хобгоҳи донишҷӯён ва нишкада дар озмуни ҷумҳуриявии "Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ" фаъолона ширкат варзида, сазовори дипломҳои дараҷаи 1, 2 ва 3 гардиданд.

Донишкада бо зиёда аз 70 донишгоҳи бонуфузи олам ҳамкориро ба роҳ мондааст.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА, "Омӯзгор"***

## Хатмкардагони консерватория бо кор таъмин мегарданд

***Фаъолияти Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов бо мақсади беҳдошти сифати таълим, тахия ва татбиқи стандартҳо, нақшаҳои таълимӣ, корҳои илмӣ – методӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, равандҳи илмӣ – таҳқиқотӣ ва эҷодиву иҷрокунандагӣ, ҳавасманд гардонии омӯзгорони ҷавон ва монанди ин роҳандозӣ гардидааст. Дар ин бора ректори консерватория Миралӣ Достизода ба рӯзноманигорон иттилоъ дод. Гуфта шуд, ки таҳсил дар муассисаи таълимӣ аз рӯйи низоми кредитӣ ба роҳ монда шуда, донишҷӯён аз рӯйи 14 ихтисос ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.***

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ теъдоди умумии донишҷӯён 257 нафарро ташкил дод. Сессияи тобистонаи соли таҳсили 2021 – 2022- ро 14 нафар бо баҳои хубу аъло, 2 нафар хуб, 120 нафар омехта ҷамъбаст намуданд. Аз инҳо 11 нафар қарздор монда, як нафар хориҷ гардид.

Бино ба иттилои ректор, раёсати консерватория ба таҷрибаомӯзии донишҷӯён низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Тахти роҳбарии устодони соҳибтаҷриба ду намуди таҷрибаомӯзӣ – омӯзгорӣ (таълимӣ) ва таҷрибаомӯзии иҷрокунандагӣ (эҷодӣ) ба роҳ монда шудааст. Ҳамасола дар асоси шартномаи тарафайн таҷрибаомӯзии таълимӣ дар коллеҷ мактабҳои миёнаи махсуси мусиқӣ ва таҷрибаи эҷодӣ бошад, дар ансамблу оркестрҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

- Яке аз самтҳои доманадори фаъолияти муассиса ҳамкорӣ бо муассисаҳои фарҳангӣ, донишкадаву донишкадаҳои таҳсилоти олии касбии давлатҳои хориҷӣ ба шумор меравад, - гуфт ректор. – Бо ин мақсад бахри баланд бардоштани сифати таълим ва сатҳи иҷрокунандагии омӯзгорону донишҷӯён бо ҷалби мутахассисони ватаниву хориҷӣ дарсҳои маҳорат (мастер – класс) - ҳо барпо карда мешаванд. Дарси маҳорати Ҳунарпешаи шоистаи Ӯзбекистон Аббос Қосимов дар мавзуи «Зарбҳои анъанавӣ ва замонавӣ» ва ҳамзамон барномаи консертӣ тахти унвони «Аббос ва дӯстон» аз ҳамин ҷумла аст, ки ба шогирдони мо писанд омад. Ҳамчунин, моҳи марти соли ҷорӣ бо ташаббуси сафорати ҷумҳурии Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарси маҳорат бо иштироки пианинонавози шинохта Франсуа Шоплен баргузор гардид. Дар он устодон ва муҳассилини консерватория, коллеҷҳои санъат ва мактабҳои махсуси мусиқӣ иштирок намуданд. Чунин дарси маҳорати сарояндагӣ бо иштироки дигар сафоратхонаҳои муқими Тоҷикистон гузаронда шуд, ки шогирдон аз онҳо нозукиҳои маҳорати эҷодиро омӯхтанд.

Иттилоъ дода шуд, ки бо фармоиши ректори консерватория бо иштироки васеи ҳайати комиссия тақсимоти давлатии хатмкунандагон баргузор шуд. Тибқи дархост ва тавсияи комиссия хатмкунандагон ба ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд.

# Фаъолияти пурвусъати донишкада

***- Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон» нахустин муассисаи таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ буда, фаъолияти он дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи маориф ва тиб, консепсия, стратегия, барномаҳои давлатӣ ва иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда шудааст, - гуфт дар нишасти матбуотӣ ба рӯзноманигорони ватаниву хориҷӣ ректори муассисаи мазкур Заррина Ибодзода. Бино ба қавли номбурда, айни замон донишкада дар панҷ факултет аз рӯи панҷ самт – психологияи тиббӣ, кори иҷтимоӣ, табобатӣ, фарматсевтӣ ва стоматологӣ мутахассисони соҳаи тиб ва иҷтимоиро омода менамояд. Дар баробари ин, бо мақсади пешбурди раванди таълиму тарбия дар сохтори донишкада 18 кафедра, аз ҷумла, ҳашт кафедраи тахассусӣ фаъолият дорад.***

Чунонки ректор иттилоъ дод, дар назди донишкада клиникаи наздидонишкадавӣ (Маркази клиникӣ, илмӣ – таълимӣ) ташкил гардид, ки он дар рӯзҳои наздик ба кор шуруъ менамояд. Он дар баробари корҳои табобатии беморон, ҳамзамон, дарсҳои амалӣ ва клиникии худро тибқи талаботи нақша ва барномаҳои таълимӣ баргузор менамояд.

- Дар масъалаи самти ҳамкориҳо низ чораҳои зиёдеро андешидаем, - гуфт З. Ибодзода. – Бо ин мақсад барои гузаронидани дарсҳои амалӣ ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён бо 27 муассисаи тиббӣ – профилактикии шаҳри Душанбе шартномаи ҳамкорӣ дорем.

Яке аз масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот ба таъминоти кадрӣ вобастагӣ дорад. Имрӯз теъдоди умумии омӯзгорон 153 нафар буда, аз ин сад нафар омӯзгори асосӣ ва панҷоҳу се нафар омӯзгори ҳамкор мебошанд. Аз ин теъдод 42 нафар омӯзгори дараҷа ва унвони илмидошта буда, ҳашт нафар доктори илм, 28 нафар номзади илманд.

Чунонки ректор гуфт, имрӯз дар муассисаи таълимӣ шумораи умумии донишҷӯён 940 нафар буда, аз он 355 нафарашонро духтарон ташкил медиҳад. Донишкада тасмим гирифтааст, ки минбаъд ба ҷалби духтарони деҳот таваҷҷуҳ зоҳир намояд.

Муносибатҳои хориҷии донишкада бо мактабҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ низ хуб ба роҳ монда шудааст ва он дар оянда густариш хоҳад ёфт. Дар ҳоли ҳозир бошад, чор нафар аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва як нафар аз Ҷумҳурии Ҳиндустон дар ин ҷо таҳсил намуда истодаанд. Бино ба қавли сарвари муассиса дар шаш моҳи соли ҷорӣ даҳ нафар донишҷӯ дар озмунҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ҷойҳои намоёнро ишғол намуда ва ғолибон бо мукофотҳои пулии таъсиснамудаи донишкада мушарраф шуданд. Дар ин муддат фонди китобхона бой гардонда шуда, теъдоди адабиёти таълимӣ ва бадеӣ дар шакли электронӣ дар китобхонаи донишкада 12995 ададро ташкил дод. Ҳамзамон, барои қироатхонаи электронии китобхона 40 адад компютери нав харида шуд.

***Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»***

БАРРАСӢ

# Ташкили 5 озмоишгоҳи нав дар донишкада

***Директори Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Дилафрӯз Саидӣ роҷеъ ба фаъолияти муассисаи таълимӣ дар шаш моҳи соли 2022 зикр намуд, ки дар чор факултети донишкада – информатика ва энергетика, сохтмон ва нақлиёт, муҳандисӣ – технологӣ ва муҳандисӣ - иқтисодӣ аз рӯи 29 ихтисоси зинаи бакалавриат, 5 ихтисоси шакли таҳсилашон фосилавӣ ва аз рӯйи 18 ихтисоси бакалавриатура таҳсилоти олии дуюм тариқи фосилавӣ, 18 ихтисоси зинаи магистратура, 9 ихтисоси зинаи докторантура (PhD), инчунин, 14 курси кӯтоҳмуддати омӯзишӣ, аз ҷумла, омӯзиши забонҳои хориҷӣ 178 нафар устод ба 4121 нафар донишҷӯ дарс мегӯянд.***



Теъдоди донишҷӯён ба 4121 нафар расидааст, ки ҳамаи онҳо баъди хатми донишкада соҳиби ҷойҳои кории муносиб ва арзанда мегарданд. Сифати таҳсил низ дар ин давра беҳтар гардида, миқдори хатмкунандагони дипломи аъло 4 маротиба афзудааст.

Дар 7 соли охир зиёда аз 80 патент ва шаҳодатномаи зеҳнӣ, аз ҷумла, 19 нахустпатент ва 64 шаҳодатномаи зеҳнӣ ба даст омадааст.

Дар соли ҷорӣ донишҷӯёни донишкада дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ байни донишҷӯёни МТОК фаъолона иштирок намуда, 3 нафар (технологияи иттилоотӣ, назарияи иқтисодӣ ва забони давлатӣ) сазовори 2 ҷойи дуюм ва 1 ҷойи сеюм гаштанд.

Миқдори умумии озмоишгоҳҳо имрӯз ба 43 адад расонида шудааст, ки барои сифатан беҳтар тайёр намудани кадрҳо мусоидат менамояд. Танҳо дар соли 2021-2022 дар донишкада 5 озмоишгоҳи нав ва 1 маркази таълимӣ: 3 озмоишгоҳ дар самти зеҳни сунъӣ, 1 озмоишгоҳи технологияи молиявӣ, озмоишгоҳи ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, як маркази таълимӣ, ки аз озмоишгоҳи дӯзандагӣ ва синфхонаи компютерӣ оид ба лоиҳакашии автоматикунонидашудаи либос иборат мебошад, ташкил карда шудаанд.

## МТС соҳиби боз як маҷаллаи нав гардид

Дар нишасти матбуотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон директори ин муассиса, узви вобастаи АМИТ Хайриддин Усмонзода ба рӯзноманигорон оид ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ дар шаш моҳи соли ҷорӣ иттилоъ дода, аз ҷумла, қайд кард, ки дар нимсолаи якум Марказ тибқи нақшаи корӣ таҳқиқотҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Таъмини самаранокии амалии пажуҳишҳои анҷомдодашуда ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ қарор доранд. Барои таъмини татбиқи ин мақсад дар Марказ Шӯрои илмӣ ва Шӯрои илмиву методӣ фаъолият менамоянд. Дар фаъолияти рӯзмарраи онҳо натиҷаи корҳои илмӣ ва таҳқиқотии раёсатҳо мунтазам мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Марказ робитаҳои корию машваратиро бо вазорат, кумита ва агентиҳои ҷумҳурӣ, мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ, пажуҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ, аз ҷумла, Пажуҳишгоҳи фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносии ба номи академик А. Баҳоваддинов, Пажуҳишгоҳҳои иқтисод ва демография, таърих, бостоншиносӣ ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониш, АМИТ ва як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат амалӣ намудааст. Дар баробари ин, дар марказ тачрибаомӯзии донишҷӯён аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар – ДМТ, ДСРТ, филиали ДДМ ба номи М. В. Ломоносов, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба роҳ монда шудааст, ки тавассути он интихоб ва ҷалби кормандони босалоҳият ба МТС сурат мегирад.

- Дар шашмоҳаи аввали соли ҷорӣ 17 нафар тавассути озмун ба кор қабул гардиданд, ки дар байни онҳо ду нафар доктори илм ва шаш нафар номзади илманд, - гуфт роҳбари ин ниҳод. – Ҳамчунин, дар ин муддат дар сомонаи интернетии Марказ 449 мақола ва маводи гуногуни илмӣ, хабару гузоришҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ҷой дода шуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ шумораи нахустини маҷаллаи «Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният» нашр гардид, ки муҳтавои он масъалаҳои сиёсатшиносӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар гирифтааст.

# Таҷдиди 16 муассисаи таълимӣ

***Зимни нишасти матбуотӣ сардори Раёсати маорифи вилояти Суғд Мадина Набизода таъкид намуд, ки дар вилоят 283 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла, 206 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи шӯъбаи маорифи шаҳру ноҳияҳо, 14 муассисаи таҳсилоти томактабии тобеи ташкилоту корхонаҳо ва 63 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ фаъолият намуда, 43 ҳазору 342 нафар кӯдак ба тарбия фаро гирифтанд. Ғайр аз ин, дар марказҳои инкишофи кӯдак 649 гурӯҳ бо фарогирии 14 ҳазору 205 нафар кӯдакони 6 - сола амал мекунанд.***

Шумораи омӯзгорони вилоят 39 ҳазору 523 нафар буда, аз онҳо 26 ҳазору 516 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд.

Соли таҳсили сипаришуда, дар олимпиадаи ҷумҳуриявии фаннӣ барои хонандагони синфи 11, олимпиадаи дастовӣ (синфҳои 9-10), олимпиадаи фаннӣ барои навразон (синфҳои 7-8 ва 5-6) 1 ҳазору 372 нафар хонанда аз муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят иштирок намуда, 672 нафар ба гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ ноил гардиданд.

Дар олимпиадаҳои мазкур хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Исфара, Бобоҷон Ғафуров, Хуҷанд, Спитамен, Конибодом ва Ҷаббор Расулов бештар ҷойҳои намоёнро сазовор гардиданд.

Ҳамзамон, соли таҳсили ҷорӣ (то 1 июли соли 2022) 4 ҳазору 917 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии вилоят дар олимпиадаҳои байналмилалии фаннӣ ва фосилавии кишварҳои Туркия, Қазоқистон, Озарбойҷон, Британияи Кабир, Италия, Хитой ва Федератсияи Россия иштирок намуда, 933 нафар ғолиб гардиданд.

Айни замон бинои 16 муассисаи таълимии садамавӣ аз нав баркарор гардида, дар 12 бинои муассисаи садамавӣ корҳои азнавсозӣ идома доранд. Алҳол дар 1136 синфхонаҳои компютерӣ 21 ҳазору 103 компютер, 3022 адад принтер, 1213 проектор мавҷуд буда, 898 тахтаи электронӣ мавриди истифода қарор доранд.

Дар 6 моҳи соли 2022 муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимии вилоят бо 724 компютери ҳозиразамон таъмин карда шуданд. Дар ин давра 116 адад тахтаи электронӣ харидорӣ шуд, ки ин 50,4 фоизи накшаи солонаро ташкил медиҳад.

Дар шаш моҳи соли 2022 муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо бо 31 кабинети фанни физика, 34 кабинети фанни химия, 31 кабинети фанни биология, 33 кабинети фанни география, 40 кабинети фанни математика, 22 кабинети фанни технологияи информатсионӣ, 28 кабинети фанни суруд ва мусиқӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд. Дар умум 221 кабинети фаннӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд ва ин нишондиҳанда 32,8 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

*Нуъмон РАҶАБЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

# Пиряхҳои Тоҷикистон омӯхта мешаванд

***Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳқиқотро аз рӯйи 111 мавзуъ, аз ҷумла, 68 мавзуи илмӣ – таҳқиқотии бунёдӣ, 15 мавзӯи илмӣ – таҳқиқотии амалӣ ва 28 мавзуи илмӣ – таҳқиқотии бунёдию амалӣ идома дода, натиҷаҳои назаррас ба даст оварданд. Дар ин бора дар нишасти матбуотӣ президенти АМИТ, академик Фарҳод Раҳимӣ ба рӯзноманигорони ватанию хориҷӣ иттилоъ дод. Қайд гардид, ки олимони соҳаҳои математика, астрофизика, химия, геология, сейсмология, экология, биология, таърих, бостоншиносӣ, демография, филология, фалсафа, ҳуқуқшиносӣ, иқтисодӣ ва ғайра фаъолияти хуб нишон дода, ба як қатор комёбӣ ноил гардиданд.***

Бино ба маълумоти Ф. Раҳимӣ, аз рӯйи натиҷаҳои илмии бадастомада аз ҷониби кормандони муассисаҳои илмии АМИТ беш аз 1390 кори илмӣ, аз ҷумла, 70 китобу монография, маҷмуаҳои илмӣ, брошюра, тавсиянома, 1320 мақолаи илмӣ таълиф гардид, ки аз онҳо 1200 мақола дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳурӣ, беш аз 120 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои кишварҳои ИДМ ва хориҷи дур ба нашр расиданд. Ҳамчунин, дар воситаҳои ахбори омма қариб ҳазор мақолаи илмии оммавӣ низ ба нашр расонида шуд. Дар ин давра аз тарафи олимони Академияи миллии илмҳо даҳ нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чор шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии захираи иттилоотӣ ба даст оварда шуд. Барои истифодаи амалӣ дар истеҳсолот панҷ коркард ва таклифу тавсияҳои олимони АМИТ пешниҳод гардид.

Чунонки Ф. Раҳимӣ изҳор дошт, олимон ва мутахассисони Маркази омӯзиши пиряхҳои академия ҳолати баъзе пиряхҳои Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ ва мониторинг қарор дода, аз ҷумла, барои омӯзиш ва таҳқиқи пиряхҳои дараи Варзоб экспедитсияи илмӣ ташкил намуданд. Зикр гардид, ки тавассути шуъбаи робитаҳои байналмилалии раёсати АМИТ қариб панҷоҳ нафар кормандони муассиса барои кормӯзӣ, иштирок дар конференсияҳои илмӣ, симпозиуму семинарҳо, форумҳо, қироати маърӯзаҳо ва бо мақсади гузаронидани таҳқиқоти муштараки илмӣ бо сафарҳои хизматӣ ба давлатҳои хориҷӣ фиристонида шуданд.

То якуми июли соли ҷорӣ дар бист муассисаи таҳқиқотии АМИТ 372 магистр дар курсҳои якум ва дуюм аз рӯйи 43 ихтисос таҳсил намуда истодаанд. Аз шумораи умумии магистрантон 207 нафарашонро духтарон ташкил додаанд. Дар зинаи докторантураи PhD, докторантура аз рӯйи ихтисоси 17 муассисаи илмӣ – таҳқиқотии АМИТ 244 нафар докторанти PhD таҳсил менамоянд, ки машғули кори илмӣ – тадқиқотианд.

Фарҳод Раҳимӣ тазаккур дод, ки дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар 18 Шӯрои диссертатсионии амалкунандаи ҷумҳурӣ, ки бо қарори КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тасдиқ шудаанд, 68 рисола, аз ҷумла, 13 рисолаи докторӣ, 55 рисолаи номзадӣ дифоъ гардидааст. Дар ҳафт Шӯрои дар академия амалкунанда 23 рисола, аз ҷумла, шаш рисолаи докторӣ ва 17 рисолаи номзадӣ дифоъ шуд. Дар панҷ Шӯрои диссертатсионии амалкунандаи АМИТ, ки бо қарори комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд, ҳашт рисола, аз ҷумла, як рисолаи докторӣ ва ҳафт рисолаи номзадӣ дифоъ гардид.

*Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

Дар шаш моҳи соли 2022 варзишгарони Тоҷикистон аз мусобиқаҳои байналмилалӣ 269 медал ба даст оварданд.

*Бадбахтие талхтар аз бе дӯст будан нест.*

*Даниел Дефо*



МИНБАРИ АНДЕША

# Ташаккули тафаккур

***Тарбия замоне муассир ва муваффақ хоҳад буд, ки шахсият ва хусусияти равонии кӯдак хуб омӯхта шавад. Дарки дурусти ҳолати равонии кӯдак ба мо имкон медиҳад, ки лаёқат, малакаю истеъдоди ӯро беҳтар шиносем ва мувофиқ ба он усулҳои таълиму тарбияро интихоб ва истифода кунем.***

Дар давраи аввали ташаккул кӯдак на некро медонаду на бадро. Дар ниҳоди ӯ гоҳо мо, калонсолон, тухми бадиро мекорем. Дар ҳузури кӯдакон, дар муҳити оила суханони қабеҳро ба забон меорем, дурӯғ мегӯем, ҳамсояро ғайбат мекунем ва амсоли инҳо. Албатта, ин ба ташаккули шахсияти кӯдак бетаъсир намемонад.

Кӯдакон хеле ҳассос ва кунҷкованд, онҳо мехоҳанд ҳама чизро бидонанд, ба калонсолон суолҳо медиҳанд, вале гоҳо аз тарафи калонсолон саволҳои онҳо беҷавоб мемонанд ва ҳатто калонсолон онҳоро танбеҳу сарзаниш мекунанд. Чунин рафтори волидайн метавонад боиси нобуд гардидани ҳисси кунҷковӣ ва аз рушд мондани тафаккури кӯдак гардад.

Аз ин рӯ, волидайн ва омӯзгоронро зарур аст, ки ин нуктаро ба инобат гиранд.

Дар ташаккули тарбияи кӯдак устоди аввал модар, устоди дуюм падар ва устоди сеюм омӯзгор аст. Бояд эътироф намуд, ки таълиму тарбия дар мактаб бе таълиму тарбия дар хона самари хубе намедиҳад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксари волидон ба таълиму тарбияи фарзандон кам аҳамият медиҳанд ва гумон мекунанд, ки ин танҳо вазифаи мактаб аст.

Дар ҷараёни таълиму тарбия, дар оила ва мактаб имконияти зиёди рушди шахсияти кӯдакон пайдо мегардад. Онҳо дар мактаб тадриҷан мустақилона ва ё бо тавсияи омӯзгорон ба омӯзиши асарҳои афсонавӣ ва дар синфҳои болотар (5-7) ба хондани асарҳои саргузаштӣ шавқ пайдо карда, ҷаҳонбинии худро васеъ мегардонанд.

Ба ҳамагон рӯшан аст, ки




чанд сол боз дар муассисаҳои таълими кишварамон усули салоҳиятнокии таълим ба роҳ монда шудааст ва ин навъи усул бартарии худро дар таълиму тарбияи хонандагон нишон дода истодааст. Имрӯз омӯзгори асилро мебояд, ки аз усули анъанавии таълим даст кашида, рӯ ба усули салоҳиятнокӣ орад.

Банда дар рафти таълиму тарбия барои рушди шахсият ва ташаккули тафаккури хонандагон усули салоҳиятнокии таълимро ба роҳ мемонам.

Масалан, агар ба хонанда савол диҳем, ки Фирдавсӣ "Шоҳнома"-ро кай навишт, ин аз хонанда фикру мулоҳизаи зиёдро тақозо намекунад. Вале саволи чаро Фирдавсӣ "Шоҳнома" – ро навишт, кӯдакро маҷбур месозад, ки оид ба ин масъала фикр карда, ақидаи худро баён созад ва маҳорати фикррониашро ташаккул бидиҳад.

Бояд гуфт, ки бархе аз кӯдакон имконияти муҳокимарониро доранд ва бархе надоранд.

Ин қобилиятро метавон тавассути пурсишу посух ташаккул дод. Ба мисли: агар ин бояд чунин бошад,чаро бояд чунин бошад? Агар кӯдак бигӯяд, ки "Ин дуруст аст", бояд пурсид, ки "Чаро дуруст аст?"ва агар гӯяд, "Нодуруст аст", бояд пурсид,ки ин "Ин чаро нодуруст аст?"

Омӯзгор ва волидайнро лозим меояд, ки зинаи ташаккули кӯдакро донанд ва тавассути саволи "чаро?", ки ҳамеша дар нӯги забонашон аст, маҳорати фикррони кӯдакро инкишоф диҳанд.

***Идимад ИБРОҲИМОВ,***
***омӯзгор***

ШЕВАИ ТАДРИС

# Фаъолгардонии хонандагон дар дарс

***Омӯзгорони навовару эҷодкор хуб медонанд, ки дарси имрӯза бояд ҷиҳатҳои ғоявӣ, илмӣ ва психологӣ дошта бошад. Агар ҳар як омӯзгор хоҳад, ки дарси ӯ судбахш бошад, бояд онро аз ҷиҳати ғоявӣ мақсаднок, аз нуқтаи назари илмӣ асоснок ва ба талаботи замон мувофиқ гузаронад. Дарс бояд шавқовар буда, дар он ҷиддият ва гоҳ ҳазл ҳукмрон бошад, то ки хонандагон худро дар раванди дарс фаъол нишон дода тавонанд.***

Яке аз ин омӯзгорони эҷодкору навовар Орифшо Ширинshoев мебошад, ки номбурда омӯзгори МТМУ №38-и ноҳияи Шуғнон аст ва таҷрибаи педагогиаш аз тарафи корманди филиали ДҶТИБКСМ дар ВМКБ тарғиб гардидааст. Вай дар касби бошарафи омӯзгорӣ, хоса, таълими фанни биология муваффақиятҳои назаррасро ба даст овардааст. Ӯ мураббии филиали ДҶТИБКСМ дар ВМКБ интихоб гардида, дар рафти курсу семинарҳо ҳам фаъолона ширкат варзида, машғулиятҳоро бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим ва технологияи компютерӣ мегузаронад. Ҳоло намунаи фаъолияти дарсии ӯро дар рафти омӯзиши мавзуи "Гигиенаи пӯст, нигоҳубини мӯй ва нохунҳо" дар синфи 9, ки бо усули даъвати мутахассис ба дарс гузаронида буд, шарҳ медиҳем. Ӯ духтури бунгоҳи тиббиро ҳамчун мутахассис ба дарс даъват намуда, дар якҷоягӣ бо мутахассис нақшаи дарсиро тартиб дода, дар рафти дарс мувофиқи он амал намуданд. Онҳо таҷҳизоти дарс - видеопроектор, видеоролик дар бораи касалии пӯст, спирт, дока, қайчӣ, об, халта бо собун, шампун, нохунгирак, ришгирак ва таблитсаю расмҳоро омода намуда, дар рафти дарс истифода менамуданд. Омӯзгор дарсро бо нишон додани халта бо лавозимоти тоза нигоҳ доштани пӯст ва нохунҳо оғоз намуд ва савол дод, ки дар дасти ман чиҳо ҳастанд ва барои чи заруранд. Хонандагон ба саволҳо ҷавобҳои мушаххас дода, баъзе маводҳоро номбар намуданд. Омӯзгор маводи боқимондаро ба хонандагон муаррифӣ намуда, пурсид, ки пас, мавзӯи имрӯзаи мо чӣ ном доштааст? Хонандагон номи мавзуъ "Гигиенаи пӯст, нигоҳубини мӯй ва нохунҳо"-ро муайян намуданд. Аз сабаби он, ки мавзуъ дар арафаи омад - омади иди "Наврӯз" омӯхта мешуд, омӯзгор онро бо суннатҳои наврӯзӣ оид ба тоза нигоҳ доштани хона ва либос шинос намуда, хонандагонро ба гурӯҳҳои мӯй, нохун ва либос ҷудо кард. Баъд супориш дод, ки ҳар як гурӯҳ 4 дақиқа дар бораи номи худ фикр карда, маълумот диҳанд.

Гурӯҳҳо супоришро иҷро намуда, омӯзгор суханро ба мутахассис дод. Ӯ ҷавобҳои хонандагонро пурра намуда, дар бораи бемориҳои пӯст ва нигоҳубини мӯй ва нохунҳо бо истифода аз расмҳо ва таблитсаҳои ба дарс овардааш маълумот дод ва дарсро бо ҳаёти хонандагон алоқаманд намуд. Аз ҳаёт оид ба мавзӯи номбурда ва паҳншавии касалиҳои пӯст мисолҳо оварда, хонандагонро барои доимӣ тоза нигоҳ доштани мӯй ва нохунҳо ҳидоят намуд. Инчунин, мутахассис оид ба расондани ёрии аввалин ҳангоми хунук хӯрдани пӯст ва таъсири офтоб маълумот дод.

Омӯзгор барои ҳавасманд намудани ҳамаи хонандагон ба дарс аз технологияи иттилоотӣ васеъ истифода мебарад, ки ин ҳам яке аз роҳҳои ташкил намудани муҳит ва фазои мусоид дар рафти дарс мебошад, ки на танҳо шавқу ҳавас, қобилият, сабру тоқат, бодиққатии хонандагонро ташаккул мебахшад, инчунин, сатҳи баланди дарсдиҳӣ, маҳорати пешкаш намудани донишҳои мушкилро ба тарзи осон ва фаҳмову дастрас таъмин месозад. Ӯ шарҳ дод, ки донистани технологияи иттилоотӣ дар шароити имрӯза барои ҳар як омӯзгор чун обу ҳаво лозим ва зарурист. Истифодаи компютер, слайдҳо, тахтаи электронӣ, аудио-визуалӣ, видео-наворҳо дар дарс барои баланд бардоштани қобилияти эҷодии хонандагон дар таълими муосир муфид ва самарабахш буда, хонандагонро ба таҳлил, синтез ва арзёбӣ водор менамоянд. Хонандагон баъди тамошо ва гӯш кардан байни худ баҳсу мунозира менамоянд ва мазмуну мундариҷа, мақсаду муҳтавои онҳоро баён мекунанд.

Номбурда барои ҳавасманд намудани хонандагон ба таълиму омӯзиш бештар аз барномаи компютерии «PowerPoint» истифода бурда, слайдҳоро оро дода, аз аниматсияҳо ва моделсозӣ низ истифода мебарад, ки ин омӯзишу таълимро хубтару пурмуҳтаво мегардонад.

***Д. ҒУЛОМНАБИЕВ,***
***мудири кафедраи таълими фанҳои табиӣ-риёзии ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ,***
***номзади илмҳои педагогӣ***

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# 108 нафар хонанда барандаи стипендияи номӣ шуданд

Муовини аввали раиси ноҳияи Муъминобод Сайвалӣ Амирзода дар нишасти матбуотӣ қайд намуд, ки дар соли таҳсили 2021-2022 дар хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия дар озмунҳои фаннии вилоятию ҷумҳуриявӣ ширкат варзида, соҳиби 69 медал (15 тилло, 16 нуқра ва 38 биринҷӣ) гардиданд. Дар озмуни фаннии ҷумҳуриявии мактаббачагон соҳиби 8 ҷойи ифтихорӣ (2 медали тилло, 2 медали нуқра, 2 медали биринҷӣ ва 2 ҷойи ифтихорӣ) гардиданд. Дар соли 2022 бинои нави муассисаи таҳсилоти умумии асосии №38 дар Ҷамоати деҳоти Балхобӣ аз тарафи сафоратхонаи Япония сохта ба истифода дода шуд. Шуъбаи маориф дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони маҳаллӣ сохтмони 7 синфхонаи иловагиро дар назди муассисаҳои таълимии №№18,6,35,42 ва 46 идома дода истодаанд, ки то оғози соли нави таҳсил мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад. Инчунин, бинои нави муассисаи таълимӣ дар деҳаи Кӯлчашма барои 240 ҷойи нишаст дар як баст, бинои нави таълимӣ барои 240 ҷойи нишаст дар назди муассисаи таълимии №33 ва дар деҳаи Чилдухтарон барои 350 ҷойи нишаст дар як баст оғоз гардидааст. Барои самаранокии таълим дар муассисаҳои таълимӣ 668 адад компютер, 132 адад принтер, 23 адад проектор, 15 адад тахтаи электронӣ, 52 адад ноутбук ва 6 адад сканер таъмин гардиданд. Имсол 108 нафар хонандаи муассисаҳои таълимии ноҳия ба гирифтани стипендияи номӣ сазовор гаштанд. Аз ҷумла, 35 нафар ба гирифтани стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 нафар ба стипендияи раиси вилояти Хатлон, 40 нафар ба гирифтани стипендияи раиси ноҳия сазовор гаштанд.




Шуъбаи маорифи ноҳия дар ҳамкорӣ бо хатмкунандагони солҳои пешин ба муассисаҳои таълимии ноҳия 20 адад компютер, 12 адад тахтаи электронӣ ва 8 видеопроектор харидорӣ намудааст. Маркази технологияи иттилоотии назди шуъбаи маорифи ноҳия то имрӯз бо бинои асосӣ таъмин нест. Мавсуф, ҳамзамон афзуд, ки тайёрии муассисаҳои таълимӣ ба соли нави таҳсил идома дошта, то имрӯз 24 муассисаи таълимӣ аз таъмири ҷорӣ бароварда шудааст. Аз буҷаи маҳаллӣ барои таъмири муассисаҳои таълимӣ 990 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст, ки то имрӯз 70%-и маблағ дастраси муассисаҳои таълимӣ гардидааст. Бояд қайд намуд, ки 8 муассисаи таълимӣ ба таъмири пурра ниёз доранд.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

Шумораи сайёҳони хориҷӣ дар Тоҷикистон қариб 3 маротиба афзудааст.

СОЗАНДАГӢ

# Истиқлол: кӯдакистони замонавӣ ба истифода дода мешавад

*Дар шаҳри Истиқлол 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 2 кӯдакистон, як маркази таҳсилоти иловагӣ фаъолият менамоянд. Теъдоди хонандагон 2558 нафар буда, синфи 11-ро 111 нафар хатм намуда, 88 нафар тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дохил шудан ба муассисаҳои олии кишвар аз қайд гузаштанд.*

Бо вуҷуди кам будани теъдоди муассисаҳои таълимӣ дастовардҳои аҳли маорифи шаҳри Истиқлол дар соли равон назаррас мебошанд. Дар олимпиадаи вилоятии мактаббачагон 2 нафар хонандагони синфи 11 ба гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ мушарраф гаштанд. Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ бошад, хонандаи синфи 11 аз МТМУ №1 Самир Усмонов аз фанни технологияи иттилоотӣ ба гирифтани ҷойи дуюм сазовор гардид.

Дар озмуни Академияи хурди илмҳо аз фанни биология Маҳинаи Ғиёсиддин, хонандаи синфи 6 аз МТМУ №6 ба гирифтани мақоми ифтихорӣ мушарраф гашт. Дар озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" дар даври мактабӣ 142 нафар иштирок карда, дар даври шаҳрӣ 101 нафар иштирок ва 33 нафар ғолиб омада, ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд. Дар озмуни "Илмфурӯғи маърифат" дар даври шаҳрӣ 103 нафар иштирок карда, 40 нафар ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

Дар баробари ин дар шаҳри Истиқлол озмунҳои гуногун гузаронида шуда, аз онҳо натиҷагирӣ карда мешавад. Дар озмуни "Омӯзгори соли Тоҷикистон" дар даври шаҳрӣ омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №6 Хуршеда Рабиева пирӯз гардид. Дар озмуни "Мураббияи сол" бошад, Дилором Давлатова аз кӯдакистони №3 ғолибият ба даст овард. Ҳамаи ғолибон бо диплом ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд.



Дар муассисаҳои таълимии шаҳр 207 адад компютер, 7 тахтаи электронӣ, 7 адад проектор мавҷуд аст, то охири сол харидории 40 адад компютер ба нақша гирифта шудааст. Айни замон таъмир ва азнавсозии муассисаҳои таълимии шаҳр бомаром идома дорад. Омодагиҳо ба зимистонгузаронӣ низ идома дошта, муассисаҳои таълимии шаҳр ба 150 тонна ангишт ва 59 метри кубӣ ҳезум эҳтиёҷ доранд.

Дар поёни суҳбат, мудири бахши маориф Гулчеҳра Ҳоҷибоева зикр намуд, ки маорифи шаҳри Истиқлол сол то сол рушд мекунад ва мо баҳри он талош менамоем, ки ба ифтихори ҷашнҳои фархундаи миллӣ дар таълиму тарбияи шоистаи насли наврас саҳми арзандаи худро гузошта, дастовардҳоямонро афзунтар намоем. Як хабари фараҳбахш он аст, ки соли 2022 дар шаҳри Истиқлол бо дастгирии корхонаи кӯҳию металлургии Хитой-Тоҷикистон кӯдакистони замонавӣ бо фарогирии 240 нафар ба истифода дода мешавад ва албатта, ин амали хайр барои ҳалли Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мусоидат хоҳад кард.

**Нуъмон РАҶАБЗОДА,**
**"Омӯзгор"**

ПЕШРАФТ

# Вусъат сохтмони мактабҳо

*Дар нишасти матбуотие, ки раиси ноҳияи Ш. Шоҳин Зафар Гулзода бо намояндагони васоити ахбори омма баргузор кард, гуфт, ки дар ноҳия 60 муассисаи таълимӣ фаъолият мекунад, ки дар онҳо 11 ҳазору 162 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 80 нафар мутахассиси ҷавон ба мактабҳои ноҳия ҳозир шуда, аксарияти онҳо ба ҷои кор таъмин гардиданд.*



Хонандагони ноҳия дар даври озмунҳои вилоятӣ соҳиби 30 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла, 10 медали тилло, 9 медали нукра ва 11 медали биринҷӣ ва дар даври ҷумҳуриявӣ бошад ба гирифтани 13 ҷойи ифтихорӣ (5 медали тилло, 5 нукра ва 3 медали биринҷӣ) гардиданд. Мавсуф, ҳамчунин, дар бораи таъмини «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» иброз дошт, ки дар шуъбаи маориф ва муассисаҳои таълимӣ дар соли 2022 32 компютер ва 4 тахтаи электронӣ харидорӣ шуд, ки иҷрои нақшаро 37,6% таъмин мекунад. Дар давоми 6 моҳи соли ҷорӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби шарикони рушд сохтмони 20 адад синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимии №№7,30 ва сохтмони бинои нави муассисаи таълимии №10 (10 синфхона) оғоз гардидааст. Ҳамчунин, сохтмони 10 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимии №№ 33,52 ва 53 бо суръат идома дорад, ки то оғози соли нави таҳсил мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳад гирифт. Дар соли таҳсили 2021-2022 аз шумораи 810 нафар хонандаи синфи 11, 702 нафар аз қайди ММТ гузаштанд, ки 87%-ро ташкил мекунад. Ҳамзамон, барои таъмини либосҳои мактабӣ, шуъбаи маориф бо корхонаҳои дӯзандагии Агентии таъминоти махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия, коргоҳи дӯзандагии «Дилрабо» ва коргоҳи дӯзандагии «Шоҳон» барои 28 ҳазор ҷуфт либоси мактабӣ шартнома ба тасвиб расондаанд.

**Шариф АБДУЛҲАМИД,**
**«Омӯзгор»**

*5 августи соли 2022 ба таъсиси Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншоҳ Назаршоев расо 30 сол пур мешавад. Дар ин фосилаи вақт академик Маҳмадшо Илолов, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Хаёл Додхудоев, академик Миргаид Шаҳбозов ва доктори илмҳои физика-математика, профессор Гулхоҷа Ҷангибеков- роҳбарии таълимгоҳро бар зимма доштанд, - мегӯяд ректори Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ, профессор Юсуфзод Гулзорхон Амиршоҳ.*

# Донишгоҳ 30-сола шуд

- Айни ҳол донишгоҳ дорои ҳашт факултет буда, аз рӯи 58 ихтисос, аз ҷумла, 36 ихтисоси омӯзгорӣ ва 22 ихтисоси соҳавӣ мутахассис тайёр мекунад. Дар донишгоҳ чор ихтисоси нав - журналист-тарҷумон, ҳуҷҷатшиносӣ ва таъмини ҳуҷҷати идора, иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ, таъминоти ҳуқуқи фаъолияти соҳибкорӣ дар корхонаҳои хурду миёна кушода шуданд.

Аз 344 нафар омӯзгор 13 доктори илм, 56 номзади илм, 129 саромӯзгор ва 161 нафар ассистент мебошанд.



Дар бахшҳои гуногуни илмҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ тадқиқотҳои илмӣ анҷом дода мешаванд. Профессорон ва омӯзгорони 20 кафедраи донишгоҳ айни ҳол оид ба 13 самт корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва ду мавзуи фармоишӣ, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, кор мекунанд. Танҳо соли ҷорӣ 350 мақолаи илмӣ – оммавии устодони донишгоҳ дар маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ва хориҷи кишвар мунташир шуданд. Соли 2020 ҳайати профессорону омӯзгорон натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотиро дар 1 монография, 6 китоб, 14 дастури методӣ ва 15 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расонданд.

Дар донишгоҳ чор синфхонаи компютерӣ, ду маркази инноватсионӣ, маркази Ҳиндустон ва як кабинети лингофонӣ, чор озмоишгоҳи таълимӣ бо ҳамаи таҷҳизоти корӣ фаъолият дошта, китобхонаи марказӣ, махзани китоби факултаҳои забонҳои хориҷӣ, маркази иқтисод, китобхонаи муосири электронӣ ва китобхонаи хобгоҳи донишҷӯён фаъолият доранд, ки фонди умумии онҳо зиёда аз 132 000 адад китобро фарогир аст.

Муносибатҳои байналхалқии донишгоҳ бо мамлакатҳои хориҷӣ вусъат ёфта, хатмкардагони донишгоҳ дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, Россия, Англия, ИМА, Олмон ва дигар давлатҳо таҳсилро идома дода, соҳиби дараҷаи номзади илм, доктори илм ва магистр гардидаанд. Ҳамзамон, Донишгоҳи давлатии Хоруғ бо 12 лоиҳаи барномаи байналмилалии Эрасмус + ҳамкорӣ дорад.

Мавриди зикр аст, ки аз рӯи лоиҳаҳо ва барномаҳо дар донишгоҳ лабораторияҳо ва марказҳои илмӣ, аз қабили лабораторияи минерология ва петрография, лабораторияи канданиҳои фоиданок, ГИС лаборатория, синфхонаҳои инноватсионӣ, лабораторияи экспериментали экологӣ, Маркази «Интеллект» барои донишҷӯдухтарон, Маркази илмӣ - тадқиқотӣ барои донишҷӯёни факултети иқтисод ва гармхона дар деҳаи Ҷелондӣ фаъолият доранд.

Дар умум, давоми панҷ соли охир донишгоҳ бо шарикони рушду муассисаҳои гуногун 50 созишномаю ёддошти тафоҳуми ҳамкориро ба имзо расонд. Дар ин муддат муассисаи таълимӣ бо 14 лоиҳаи байналмилалӣ ҳамкории судмандро тавсеа дода, зиёда аз 100 семинару конференсияҳои байналмилалӣ гузаронд. Бар замми ин, зиёда аз 120 нафар устодони донишгоҳ дар семинару лоиҳаҳои байналмилалӣ дар давлатҳои Олмон, ИМА, Ҳиндустон, Испания, Иордания, Австрия, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Португалия, Булғория, Руминия, Эстония, Туркия ва дигар давлатҳо иштирок намудаанд.

Сохтмони бинои наву ҳозиразамони таълимии Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ орзуи деринаи на фақат аҳли донишгоҳ, балки ҳамаи сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон буда, маҳз бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон бунёди он бомаром идома дорад.

**Ч.ҚОЗИБЕКОВ,**
**«Омӯзгор»**

То соли 2030 аҳолии Тоҷикистон пурра бо оби ошомиданӣ таъмин мегардад.

*Сӯиистифода аз неъматҳои моддӣ роҳест росту ҳамвор ба сӯи балоҳои бузург.*
*Даниел Дефо*

«Омӯзгор»
№ 31, 4 августи соли 2022

ОЛИМОНИ ТОҶИК

# Берунӣ мураттиби феҳристи кусуфи офтоб ва моҳ

Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Хоразмӣ (973-1048) дар дарбори Султон Маҳмуд ба таҳқиқи масъалаҳои илмӣ пардохта, ҳамроҳи ӯ якчанд маротиба ба Ҳиндустон сафар кардааст ва китоби «Китоб фӣ таҳқиқӣ мо-лил ҳинд»-ро навиштааст, ки дар бораи мавзеъ, урфу одат ва аҳволи иҷтимоии ҳиндувон баҳс мекунад. Миқдори осори Берунӣро олимон аз 130 то 180 медонанд, вале то замони мо 40 асари ӯ омада расидааст. Берунӣ ба писари Султон Маҳмуд – Масъуд «Ал-қонун-ул-масъуди фи-д-ҳайат ва-н нузум» ва ба писари Султон Масъуд – Маъдуд «Китоб-ус-сайдана фи-т-тиб»-ро бахшидааст. Китоби якум ба масъаалҳои математика ва астрономия (риёзӣ ва нуҷум) бахшида шуда, китоби дуввум дар бораи аз наботот сохтани доруҳои гуногун баҳс мекунад. «Китоби таҳдид ниҳоят-ул-амокин» соли 1018-1025 таълиф гашта, асари геодезию ҷуғрофӣ аст. Асар аз муқаддима ва 28 фасл иборат аст. Дар китоб масъалаҳои арифметика, геометрия, мусиқӣ, пайдоиши кӯҳҳо, муайян кардани арзу тӯли шаҳрҳо, кунҷи моили фалакулбурҷ ва ғайра мавриди назари олим қарор гирифтаанд. «Молил-ҳинд» соли 1031 таълиф ёфта, дар бораи ҳиндуҳо, дину фалсафа, расму оин, тоифаҳо, пайдоиши бутпарастӣ, адабиёт, сарфу наҳв, хату имло, риёзиёт, ҷуғрофия, ривоятҳо, фаслҳои сол, madду ҷазр, астрология ва дигар масъалаҳои тамаддуни Ҳинд баррасӣ шудааст.

Дар «Осор-ул-боқия» Берунӣ пайдоиши таърихҳо, солшумориҳои шарқӣ, оину кеш, рӯзҳои бузурги таърихӣ, тақвимҳои гуногун, ҳолати ситораҳо ва дигар ҷирмҳои осмонӣ, инчунин, таърихи тамаддуни инсониро ба қалам додааст.

Берунӣ ба офтоб, ҳаракати нур, гармӣ, давр задани замин, системаи гелиосентрӣ, пайдоиши шиҳобҳо (кометаҳо), арзу тӯл, моҳ, системаи даҳии ҳисоби ҳиндуҳо, муодилаҳои кубӣ, радиуси доира, ҷадвали синусҳо ва косинусҳо, пайдоиши фавворaҳо ва кӯҳҳо, ҷунбиши қитъаҳо, ҷойивазкунии баҳру бар, такшиншавии ҷинсҳои гуногун, таваҷҷуҳ намуда, дар ин бора асарҳо эҷод намудааст, ки то имрӯз аҳамияти калони илмиро доро ҳастанд. Берунӣ донандаи хуби забонҳо буда, бо забонҳои форсӣ, арабӣ, юнонӣ ва ғайра ҳарф мезад. Вай доир ба масъалаҳои забон ва адабиёт фикрҳои ҷолиб баён намуда, дар «Китоб-ул-ҷамоҳир фи маърифат-ил-ҷавоҳир» ва «Китоб-ус-сайдана фи-т-тиб» роҷеъ ба минералҳо, растаниҳо, ҳайвонот сухан ронда, зимни он дар китоб аввал аз 65 шоир ва дар китоби дуюм аз 84 шоир садҳо иқтибос оварда, онҳоро таҳлил ва шарҳ додааст.

Олим ашъори шоирони арабро таҳлил ва «Рисола дар бораи қофия»-ро эҷод кардааст, ки то замони мо нарасидааст. Дар «Феҳрист» ном асари худ номгӯи асарҳои тарҷумакардаи худро ба забонҳои арабӣ ва паҳлавӣ овардааст. Доир ба омӯзиши истилоҳоти илмӣ чун забоншинос баромад намуда, истилоҳоти гуногуни илмиро дар забонҳои форсӣ, арабӣ, юнонӣ, санскрит ва суриёнӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Берунӣ ба эҷоди шеър ҳам даст зада, аз ашъораш то замони мо 35 байт боқӣ мондааст. Ашъори эҷодкардаи ӯ ба забони арабист. Ҳоло дар Ӯзбекистон шаҳре дар Қароқалпоқистон ва Пажуҳишгоҳи ховаршиносӣ дар Тошканд ба шарафи ӯ номгузорӣ шудааст. Як сайёраи хурд, яке аз танӯраҳои офтоб ба шарафи ӯ гузошта шудааст. Соли 1973 асарҳои ӯ дар 4 ҷилд ба забони русӣ дар Тошканд ба муносибати 1000-солагиаш чоп шудаанд. Дар Душанбе асарҳои ӯ «Осор-ул-боқия» ва «Китоб-ут-тафҳим ли авоим саноат-ит-танзим» ба нашр расида, олимоне чун М.Осимӣ, М.Ҳазратқулов, Р.Ҳошим, С.Ҷонбобоев ва дигарон роҷеъ ба осор ва афкори ӯ корҳои судмандеро ба анҷом додаанд.



Берунӣ курашакл будани Замин ва дар атрофи офтоб чарх задани онро исбот намуда, ҳисоби даҳиро ба илм ворид ва тригонометрияро ҳамчун илм муаррифӣ кард. Нахустин маротиба масоҳати Заминро чен кард, ки он дар Аврупо бо номи «Қоидаи Берунӣ» машҳур аст. Берунӣ ҳамчун олими ситорашинос феҳристи гирифти офтоб ва моҳро то соли 2000 тартиб дода буд, ки онро олимони замони ҳозира исбот намуданд, ки ягон хатоиро дар бар намегирад.

***Ҳасани НОДИРПУР,***
***омӯзгори МТМУ №10,***
***ноҳияи Айнӣ***

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# 46 нафар донишҷӯ - соҳиби дипломи аъло

Тавре ки зимни нишасти матбуотӣ муовини ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Ш. Аҳмадиён вобаста ба дастовардҳои омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ дар нимсолаи соли 2022 иттилоъ дод, раванди таълиму тарбия дар 9 шуъба, 2 шӯрои илмӣ, 1 марказ, 3 факулта, 18 кафедра, 2 коллеҷ ва 122 гурӯҳи таълимӣ ба роҳ монда шудааст. Дар 18 кафедраи донишгоҳ 298 нафар омӯзгор, аз ҷумла, 19 нафар омӯзгори дараҷа ва унвони илмидошта ба 2205 нафар донишҷӯ таълиму тарбия медиҳанд.

Дар соли сипаригардида 87,6%-и омӯзгорон ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷалб гардиданд. Дар ҳамин давра дар олимпиадаи байналмилалӣ донишҷӯён сазовори 2 ҷойи дуюм ва 1 ҷойи сеюм гардиданд. Дар умум, донишҷӯёни донишгоҳ дар озмунҳо фаъолона ширкат варзида, сазовори 32 ҷойи ифтихорӣ гардиданд. Дар таърихи донишгоҳ аввалин маротиба хатми 336 нафар донишҷӯ аз рӯи ихтисосҳои «Кори табобатӣ», «Педиатрия» ва «Стоматология» сурат гирифт, ки аз ин шумора 46 нафар соҳиби дипломи аъло гардиданд.

Донишгоҳ дар доираи ҳамкориҳо бо Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ барои муҷаҳҳазсозии озмоишгоҳи «Реаксияи занҷирии полимеразӣ (ПЦР)» бо маблағи умумии 100 000 евро соҳиби таҷҳизот шуд. Аз тарафи дигар, дар доираи марҳилаи 3-юми лоиҳаи инвеститсионии «Рушди таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон» барои муҷаҳҳазсозии «Озмоишгоҳи биохимиявӣ» ба маблағи 120 000 доллари ИМА соҳиби грант гардид.Фонди умумии китобхонаи донишгоҳ аз 32 348 нусха осори бадеӣ, илмию назариявӣ иборат буда, адабиёти электронӣ 75 000 маводро ташкил мекунад. Мавсуф ҳамзамон афзуд, ки 17-уми июни соли ҷорӣ бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои хобгоҳи донишҷӯёни ДДТХ дар маросими тантанавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

НАСИҲАТ ГӮШ КУН, ҶОНО!

# Гулбоғи андарзи Саноӣ

Дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик исми шоири тавоною нобиға Ҳаким Саноиро дар аввали феҳристи номҳои шоироне мегузоранд, ки дар пайравӣ ба мактаби эҷодии ӯ ба иншои ашъори ирфонӣ идома дода, осори мондагоре аз худ боқӣ гузоштаанд. Беҳуда нест, ки шоирони суфӣ Фаридуддин Аттор ва Ҷалолуддини Балхӣ маҳз аз назми ирфонии Саноӣ баҳравар гардида, ҳатто Ҷалолуддини Балхӣ дар васфи ӯ гуфтааст:



*Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,*
*Мо аз пайи Саноию Аттор омадем.*

Адабиётшиноси машҳури рус Э.Бертелс дар китоби «Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» далел меорад, ки ховаршиноси аврупоӣ Эдуард Браун аз зиндагиномаи Саноӣ ёдовар мешавад, ки Саноӣ нахустин шоири суфия нест ва пеш аз ӯ Шайх Абусаиди Абулхайр шеърҳои орифона суруда будааст. Аммо маҳорату истеъдод ва ҳунари шоирии Ҳаким Саноӣ асосан дар маснавиҳои «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа», «Сайрул-ибод» ва қасоиду ғазалиёти ӯ зоҳир мегардад. Андешаҳои панду ахлоқӣ тамоми тору пуди эҷодиёти шоирро фаро гирифта, вай хисолу атвори неку ҳамидаи инсониро ситоиш намуда, бархилофи он, кирдору рафторҳои нохушоянду зишт, аз қабили дурӯғгӯйию мунофиқӣ, ҳасаду бахилӣ, нотавонбинӣ, шаробхорагию зино, каҷрафторию чоплусӣ ва хиёнат ба амонатро мазаммат менамояд. Тавре ки дар маснавии «Ҳадиқат-ул- ҳақиқа» дар боби «Ситоиши илм ва олим ва талаби илм» дар хусуси аҳамияту нақши барозандаи илм ва омӯзиш менигорад, илм бо амал (бо кор) судманд буда, онро ба мақсадҳои зишт истифода кардан аз рӯйи инсофу имон намебошад:

*Илм бо кор судманд бувад,*
*Илм бе кор пойбанд бувад.*
*Илми мухлис даруни ҷон бошад,*
*Илми дурӯй бар забон бошад.*

Олиму донишманд бояд ростқавлу ростгӯ ва покниҳоду баимон бошад. Вай набояд ба роҳи каҷ қадам ниҳода, обрӯи худу илмро резонда, бо хоки сиёҳ баробар кунад. Зеро шарафи илм ва омӯзиш баланд буда, мардум ҳамеша ба олимону донишмандон такя мекунанд, чунки салоҳи рушду ободии ҷомеа ба амали онон вобастагии амиқ дорад.

Аз ин рӯ, Саноӣ мефармояд:

*Хирад аз бад туро наҷот диҳад,*
*Хирад аз дӯзахат барот диҳад.*

Ҷойи дигар дар ҳамин маснавӣ мегӯяд:

*Ҳар киро илм нест, гумроҳ аст,*
*Дастӣ ӯ з-он сарой кӯтоҳ аст.*

Ба ақидаи Саноӣ, бадбахтии инсон аз ҷамъ овардани молу сарвати бешумор ва шаробхорагӣ сар мезанад. Одами баднафсу сифла ҳамеша аз пайи сарватғундорию тамаъкорист, хасису лаим аст.

Дар накуҳиши шаробу шаробхӯр хеле ҷолиб мегӯяд:

*Чист ҳосил сӯи шароб шудан,*
*Аввалаш шарру охир об шудан.*
*…Ҳаст чун ҳуққабози беозор,*
*Карда ҳангома бар сари бозор.*

Яке аз сифатҳои баду зишти инсон пурхӯрӣ мебошад. Саноӣ ин хислати нохушояндро танқид карда, мегӯяд, ки пурхӯрӣ на танҳо обрӯи одамро мерезад, балки ӯро мубталои бемориҳои гуногун месозад. Аз ин рӯ, Саноӣ афкорашро дар ин масъала ба таври зайл хулоса мекунад:

*Ҳар кӣ бисёрхор бошад ӯ,*
*Дон, ки бисёр хор бошад ӯ.*
*Боз ҳар оқиле, ки камхор аст,*
*Ба ҳақиқат бидон, ки кам хор аст.*

Масъалаи дигаре, ки Саноӣ ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст, дарёфту интихоби дӯст ва фарқ кардани дӯст аз душман мебошад. Вай дар ин хусус бо ба назм даровардани ҳикояте панд медиҳад, ки ёри бад (дӯсти дурӯғин) монанди мор аст. Вай ба масал душмани воқеии шахс аст, аз ин рӯ, марди оқил зуд аз ин гуна дӯстони хасакӣ бояд қатъи алоқа кунад.

Зеро:

*Дӯстон ганҷхонаи розанд,*
*Ранҷбардору ганҷпардозанд.*
*Ёри ҳамкоса ҳаст бисёре,*
*Лек ҳамкиса кам бувад ёре.*

Андешаҳои панду ахлоқии Ҳаким Саноӣ дар қасидаҳои ӯ ҷойгоҳи боарзише доранд. Бояд қайд кард, ки Саноӣ ба сифати файласуфи ҳамадон аз равобити моддаю ашё ва аносири табиат сухан ронда, ба натиҷае мерасад, ки асрори ин олам ба василаи илм дониста хоҳад шуд.

*Курсӣ чӣ кунад, он ки надорад хабар аз илм,*
*Хуршед чӣ суд онро, к-ӯро басаре нест?*

***Фахриддин НАЗИРОВ,***
***омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики гимназияи Балъамии шаҳри Ваҳдат***

Дар шаҳри Душанбе таҳти унвони «Тоҷикистон - сарзамини обҳои шифобахш» форуми байналмилалӣ доир гардид.

БА ИФТИХОРИ 90 - СОЛАГИИ НАШРИЯИ «ОМӮЗГОР»

# «ОМӮЗГОР» – мактаби бузурги қаламкашон

*Ҳар гоҳ ки чашмам ба ҳафтаномаи «Омӯзгор», ба ҳарфҳои барҷастаи саҳифаи аввали он, ки ин унвонро ифода мекунад, меафтад, эҳсоси ваҷду нишот ва масаррату фараҳмандие фаро мегирад маро ва дар пиндорам шаклу ранги ҳарфҳои ба дилам наздик нури чашмонамро афзун месозад ва аз фарти ифтихори он, ки корманди ин нашрияи воқеан бонуфузам, рӯҳам болидаву сарам ба осмон мерасад.*

Ҳар ҳафта, рӯзҳои панҷшанбе, ҳангоме ки шумораи нави ҳафтаномаро, ки бо заҳмату талош ва саъйю кӯшиши мо, ҳайати эҷодӣ ва кормандони нашрия рӯйи чопро мебинад, ба даст мегирам, гумонам ҳанӯз бӯйи ҳарфҳову матбаа дар саҳифаҳои он барҷост. Ҳарфу рангҳо ва расмҳои дар саҳифаҳо чопшуда ба таври аҷибе дар мағзам ҷой мегиранду то дер аз зеҳнам зудуда намешаванд. Саҳифаҳои ҳафтаномаро варақгардон мекунаму хаёлу хотирам чун парандаи афсонавӣ бол баровардаю ба дуриҳо, замони бачагию мактабхониям парвоз мекунад. Асири рӯъёҳои ширину ҷозиб ва мафтункунанда мешавам. Воқеан, ман дар фазою муҳите тарбия ёфтаву ба камол расидаам, ки реша дар маърифату фарҳанг дошт. Падару модарам (рӯҳашон шод бод!) дар фермаи колхоз, яке подабону дигаре говдӯш шуда кор мекарданд. Онҳо таҳсилдидаву соҳиби хату савод ва фаҳмишу ҷаҳонбинии пешрафта буданд. Ҳамасола бо нашрияҳои ондавра - рӯзномаю маҷаллаҳо обуна шуда, мо-фарзандонро ба олами пурасрори мутолиаю омӯзиш ҳидоят мекарданд. Дар ин радиф бародари калонам Бобобек низ, ки баъди хатми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон (собиқ Инститyти педагогии ба номи Т.Шевченко) ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик дар мактаби рақами №92-и деҳа (ҳоло №51) ба фаъолият шурӯъ карда буд, қарор дошт, ки ба омӯзишу мутолиа шавқи зиёде дошт ва ба нашрияҳои соҳаи маориф обуна шуда, рӯзномаю маҷаллаҳоро ба хона меовард. Ман ба рӯзномаи «Маориф ва маданият», маҷаллаи «Мактаби советӣ» ҳамон солҳо (1975-1980) шиносоӣ пайдо карда будам. Дар рӯйи мизи бародарбузургам, дар хонаи хобаш бастаи рӯзномаи «Маориф ва маданият» ва маҷаллаи «Мактаби советӣ» мехобид. Вай аввал ин рӯзномаю маҷаллаҳоро бо диққат мехонд. Тартиби хонданаш чунин буд: ба даст қалам гирифта, ба навиштаҳо рӯ меовард, ба зери ҷумлаю ибораҳо ва матнҳои мақбули худ хат мекашид, пас-он дар дафтари махсус перомуни мақолаю матолиби хондааш қайдҳо мекард. Ман беихтиёр ба ин амали бародарбузургам таваҷҷуҳ карда, дар вақтҳое, ки хонаро холӣ меёфтам, ба варақ задани бастаи рӯзномаи «Маориф ва маданият» мепардохтам. Суолҳое дар сарам чарх мезад. «Дар ин рӯзнома дар бораи чи навиштаанд, чи мақолаю матолиби шавқоваре дорад рӯзнома, одамонро таърифу ситоиш кардаанд, ё дар саҳифаҳои он афсонаю ривоят ва ҳикояву аз ин қабил навиштаҳои адабӣ ба табъ расидаанд». Маъмулан, он солҳо рӯзномаҳо дар ҳаҷми чор саҳифа чоп мегардиданд. Вақте ки саҳифаҳои «Маориф ва маданият»-ро варақ мезадам, чашмам ба навиштаҳое меафтид, ки доир ба мавзую масоили соҳаи маориф, таълиму тарбия, меҳнати садоқатмандонаи омӯзгорону устодони мактабҳои шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ таълиф гардида буданд. Аммо рӯзнома танҳо бо пешниҳоди мақолаю матолиб ба таври маҳдуд иктифо намекард. Дар силки навиштаҳои марбут ба навигариҳои соҳаи маориф, ҳамчунин, мақолаҳои пурмуҳтавои рӯзноманигорон, кормандони нашрия ва адибону олимон низ доир ба масоили мухталиф, аз ҷумла, забон ва ҳусни баён, таҳлилу андешарониҳо перомуни китобҳои дарсӣ, илмию назариявӣ ва методӣ, инчунин, дар хусуси асарҳои тозанашри нависандагон, ашъори шоирон ва амсоли инҳо ба табъ мерасид, ки шавқовару хонданӣ ва бархе баҳсбарангез буданд. Вале, бартар аз ҳама, саҳифае, ки маро бештар шефтаю мафтун гардонида буд, саҳифаи охирини рӯзнома маҳсуб меёфт, ки ба эҷодиёти шоирону нависандагони муосири тоҷик, ҷаҳон ва чакидаҳои хомаи омӯзгорон бахшида шуда буд.

Ман дар танҳоӣ ба василаи рӯзномаи «Маориф ва маданият», бахусус, саҳифаи адабии он бо намунаи осори адибони соҳибистеъдоду пешқадам ва нодиру нобиғаи ҷаҳон ошно гардида, худ аз худ, ба мутолиаи ҳикояву ривоят ва масалу ашъори адибон рӯ оварда, аз шавқу таваҷҷуҳи беинтиҳо дар баҳри мутолиа ғарқ шуданамро нафаҳмида мемондам. Дар саҳифаҳои рӯзнома, ҳамчунин, дар хусуси асарҳои тозанашри адибони маъруф баҳсу муҳокимаҳо сурат мегирифт, ки вокуниши аҳли адаб ва омӯзгоронро ба бор меовард. Ҳанӯз аз ёдам баҳсу мунозираҳо атрофи асарҳои шодравон, нависандаи маҳбуби миллат, устод Сотим Улуғзода ва марҳум Ҷумъа Одинаев нарафтааст. Мақолаҳои публитсистӣ ва фелетонҳои нависандаи маъруф, устод Ӯрун Кӯҳзод, ки он айём вазифаи ҷонишинии муҳаррири рӯзномаро ба зимма доштанд, бо муҳтавою ҳадафи ҷолиб, ки ҷанбаи танқидӣ доштанд, хонандобобу саривақтӣ буд. Ҳароина, кормандони рӯзнома зери сарварии бонуи соҳибиродаю боҷасорат Бӯриниссо Бердиева (ҷояш биҳишти адн бод!) бо навиштаҳои муассиру рангин ва ҳадафманди худ дар рушду такомули соҳаи маорифу фарҳанг ва ошкору бармало сохтани норасоию нуқсонҳои ҷойдошта дар таълиму тарбия ва роҳҳои бартараф намудани он мушкилот саҳми намоён мегузоштанд. Қаламкашони соҳибному боистеъдод Ҷумъа Одинаев, Ӯрун Кӯҳзод, Абдуғаффор Партоев (Партав). Мирзо Боғиров, Бобо Расулзода, Дорои Дӯст, Мирзо Боқӣ ва дигарон дар беҳтар гардидани сифати чопи нашрия ва сатҳи навиштаҳои омӯзгорон заҳмату ранҷ мебурданд. Боиси сарфарозии кормандони рӯзнома он буд, ки дар нашрия нависандаи соҳибсухан Фазлиддин Муҳаммадиев, шоири тавонои миллат, устод Бозор Собир, адибон Абдулҳамид Самаду Ҳақназар Ғоиб фаъолияти созандаи эҷодӣ ба роҳ монда буданд. Яке аз гӯшаҳои хондании рӯзнома, ки ба таври доимӣ навиштаҳои онро хонандагони рӯзнома бесаброна интизорӣ мекашиданд, «Ришханд» ба шумор мерафт, ки дар он ҳаҷву танз ва фелетонҳои кормандони нашрия ва адибон чоп мешуд. Дар ин бора дар як суҳбат Нависандаи халқии Тоҷикистон Ӯрун Кӯҳзод андешаҳои худро ба тафсил баён карда буд. Баъдтар нашрияи «Маориф ва маданият» ба ду рӯзномаи алоҳида - «Газетаи муаллимон» ва «Маданияти Тоҷикистон» ҷудо гардид. «Газетаи муаллимон» ба сифати нашрияи Вазорати маорифи ҷумҳурӣ фаъолияти худро дар самти инъикоси масоилу мушкилоти соҳаи маориф, тарғиби таҷрибаи пешқадами омӯзгорон, ислоҳоту дигаргуниҳое, ки дар раванди таълим ба амал меомад, методикаи таълим ва ғайра ба роҳ монда, аз матбуоти пешгоми ҷумҳурӣ ҳисоб меёфт. Дар он солҳо рӯзноманигорони соҳибқаламу кӯшо, Бобо Насриддинов, Ҳикмат Раҳмат, Зулфия Атоуллоева, Саидаҳмад Қаландаров, Нафасбек Раҳмонию Қувват Давлат Сармад (Г.Ӯзбеков), Эҳсони Субҳон, суратгири заҳматкаш М.Яҳёев, Сарвар Амирҷонов ва бисёр дигарон дар пешбурди кори рӯзнома нақши калон мегузоштанд. Замони донишҷӯйии робитаи мо бо нашрия вусъат ёфта, хабару мақолаҳои ҳаҷман хурдамон дар хусуси ҳаёти донишҷӯйӣ, саҳму кумаки муҳассилин ба пахтакорон, фаъолияти отрядҳои зарбдори сохтмонии донишҷӯён ва дигар мавзуъҳои иртиботманди соҳа дар нашрия чоп мегардид. Ниҳоят нашрия ба «Омӯзгор» табдили ном кард ва кормандони он анъанаю таҷрибаи ҳампешагони собиқи худро идома дода, дар ҷодаи шавқовару ҷолиб гардидани матолиби таълифгардида саъю талош намуда, шуҳрату нуфузи рӯзномаро баланд бардоштанд.

Дар давраи роҳбарии рӯзноманигори варзида Самиюлло Сайфуллоев (хонаи охираташ обод бошад!) ҳайати кормандони рӯзнома аз шумули ҷавонони соҳиблаёқату эҷодкор пурра гардид. Ҷанбаи танқидии мақолаҳо тақвият ёфта, дар саҳифаҳои нашрия омӯзгорони соҳибунвону шуҳратёр зуд-зуд аз таҷрибаю дастовардҳои педагогии худ мулоҳизаҳояшонро, ки барои мутахассисони ҷавон ибратомӯз ҳисоб меёфт, дар шакли мақолаҳои шавқовару пурмуҳтаво баён мекарданд. Доираи фарогирии мавзуъҳо дар рӯзнома васеъ гардида, олимону муҳаққиқон ва мактабшиносони соҳибтаҷриба зери рубрикаи «Ба ёрии омӯзгорон» (фанҳо ба таври мушаххас сабт мегардид) перомуни таълими ину он мавзуи дарсӣ фикри худро изҳор намуда, дар тафсиру тавзеҳи содатари мавзуоти пешниҳодшуда хидмати арзанда анҷом медоданд. Адабиётшиносону пажуҳишгарон доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоирону нависандагони адабиёти классикии форсу тоҷик ва муосир матолиби таҳлилию таҳқиқӣ ва методӣ ба табъ мерасонданд. Дар ин давра ҷустуҷӯҳои эҷодии рӯзноманигорон - кормандони нашрия идома ёфта, онҳо бо омӯзгорни соҳибмактаб, мутахассисони пурхондаи соҳа, умуман, коркунони зерсохторҳои Вазорати маориф, шоирону нависандагон мусоҳибаҳои рангину ҷаззоб меоростанд. Ман, ки баъди ба итмом расонидани Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (он вақт УДТ ба номи В.И.Ленин) ба пешаи омӯзгорӣ шуғл меварзидам, чун солҳои мактабхонию донишҷӯйӣ ҳамчунон рӯзномаи «Омӯзгор»-ро бесаброна интизорӣ мекашидам ва мақолаю матолиби онро пурра хондаю фикру мулоҳизаҳоямро дар дафтари махсус шабеҳи бародарбузургам Бобобек сабт менамудам. Табиист, ки ба нашрия хабару мақола менавиштам ва навиштаҳоям дар саҳифаҳои он ба табъ мерасиданд, ки хушҳолию сарфарозии маро аз ин ҳол ҳадду канор набуд. Ва ҳеҷ ба гӯшаи хаёлам намеомад, ки замоне фаро мерасаду маро ба нашрияи дӯстдоштаю мақбулам ба кор даъват мекунанд. Даҳ сол қабл аз ин, дақиқан моҳи январи соли 2012 фаъолияти худро дар «Омӯзгор»-и азиз ба сифати муҳаррири шуъбаи мактабҳои миёна шуруъ намудам. Воқеан, муҳити рӯзнома барои амалӣ гардидани мақсаду хостаҳои дили кас дар роҳи эҷод созгор ва мусоид буда, ҳар як қаламкаш марҳала ба марҳала ба худ аз мактаби эҷодии нашрия сабақҳои омӯзанда мегирад, ки дар фаъолияти минбаъдаи ӯ нақши бузург мебозад.




Соли равон кормандони нашрия ва ҳайати эҷодии он ҷашни таърихии ҳафтанома 90-солагии таъсиси онро таҷлил хоҳанд кард. Воқеан, 90 сол барои нашрия фосилаи андаке нест. Дар ин рӯзҳо мо ба таърихи гузаштаи нашрия, ба марҳалаҳои ташаккулу таҳаввули неруи эҷодӣ ва мактаби омӯзандаи рӯзноманигории он рӯ меорем ва пеши назарамон фаъолияти кормандони ҳафтанома дар солҳои гуногун ҷилвагар мешавад. Мушоҳида мекунем, ки дар ҳама вазъу шароит кормандони нашрия фаъолияти худро, новобаста аз воқеаҳои ногувор ва мураккабию мушкилиҳо дар солҳои гуногун муттасил ба роҳ монда, рисолати қаламкашии худро ба нафъи ватану миллат равона менамуданд. Имрӯз низ аҳли эҷод ва кормандони нашрия дар пешбурди сиёсати созандаи Давлату Ҳукумат, инъикоси тағйироту дигаргуниҳое, ки дар соҳаи маориф ба амал меоянд, тарғибу муаррифии барномаҳои давлатии соҳа, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм таҳия ва роҳандозӣ мегарданд, хидмати арзанда анҷом дода, вазифаю масъулияти ҳудро сарбаландона иҷро менамоянд ва баҳри дар рӯҳияи ормонҳои волои миллӣ ва эҳсоси баланди ватандӯстию хештаншиносӣ тарбия намудани насли наврас ва ҷавонон саҳми шоиста мегузоранд.



**_Шодӣ РАҶАБЗОД,_**
**_«Омӯзгор»_**

*Сарнавишт барои фирор аз бадбахтӣ ҳамеша даричаеро боз медорад.*
*Сервантес*

«Омӯзгор» № 31, 4 августи соли 2022

СИТОИШИ ЭҶОДКОР

# Ҳаҷвнигори маъруф ва инсони дарёдил

***Дар ҷомеа инсонҳое ҳастанд, ки кору фаъолияташон ибратомӯз буда, эҷодашон барои ҷомеа намунаи баланди дарёфти маърифат мебошад. Адиб ва рӯзноманигори шинохта Абдурауф Муродӣ аз ҷумлаи ҳамин гуна шахсиятҳост, ки асарҳояш аз ҷониби хонандагон хуб пазируфта шудаанд, ки бо тадвини матолибу навиштаҳои пурмуҳтаво ҳамчун чароғи раҳнамо дурри маънӣ меофарад.***

Мавсуф дар ҳамаи ҷабҳаҳои эҷод қаламфарсой кардаву муваффақ шудааст. Вале ӯро ҳамчун ҳаҷвнигори чирадаст, ки бо шеваи махсуси эҷод, бо ҳикояву эпиграммаҳояш хонандаро механдонад ва мушкилоту камбудиҳои ҷомеаро бозгӯ мекунад, мешиносанд. Ҳаҷву танз ва мутоиба дар сиришти адиб нуҳуфтааст, ки метавон ҳангоми суҳбат низ ин ҳолро бармало мушоҳида кард. Ҳамин аст, ки асарҳояш зуд таваҷҷуҳи аҳли адабро ба худ ҷалб мекунанд. Дар бораи фаъолият ва эҷодиёти адиб навиштаҳои зиёде дар матбуот ба нашр расидаанд, ки аз вусъати фаъолияти мавсуф шаҳодат медиҳанд. Дар робита ба ин, китоби «Нафаси рӯҳпарвар» (ба ифтихори 60-солагии адиб ва рӯзноманигор Абдурауф Муродӣ, мураттибон ва таҳиягарон, номзадҳои илмҳои филологӣ Бахтиёри Абдураҳим ва Насриддин Охунзода, Душанбе, 2021. – 328 сах.) ба нашр расид, ки дар он дар бораи фаъолият ва эҷодиёти Абдурауф Муродӣ, ки аз ҷониби олимону донишмандон, адибону публитсистон, рӯзноманигор омӯзгорон ва алоқамандони эҷод дар солҳои гуногун таълиф гардидаанд, гирд оварда шудаанд.

Китоб бо мақолаи доктори илми филология, профессор Мурод Муродӣ оғоз меёбад. Мавсуф осори ҳаҷвии нависандаро таҳлил намуда, ҳаҷвияҳои Абдурауф Муродиро аз ҷиҳати оҳанги гуфтор ва муносибат ба предмети тасвир ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст:

«1) Асарҳое, ки дар онҳо ҳадафи асосиро танқиду мазаммати воқеиёти иҷтимоӣ ташкил намуда, ханда тобиши неш заданро пайдо мекунад.

2) Асарҳое, ки мақсади асосиашон на танқиду истеҳзо, балки лутфу зарофат аст. Дар ин гуна осор ханда нақши хандониданро мебозад.

Аглаби ҳикояҳои ҳаҷвӣ, фелетону эпиграммаҳои нависандаро, ки масъалаҳои мубрами иҷтимоиро фаро гирифтаанд, ба гурӯҳи аввал шомил намудан мумкин аст. Зеро дар ин гуна осор ҳадафи нависанда танҳо хандондан ва хушҳол гардонидани хонанда набуда, балки ифшои камбудиҳои ҳаёти иҷтимоӣ, тариқи тасвирҳои ҳаҷвӣ мазаммат кардан ва ба ин васила, хушдор сохтани мардум бахри ислоҳи онҳо низ мебошад».

Академик Муҳаммад Лутфуллозода перомуни китоби тарбиявии «Атри гулбарг» паҳлуҳои эҷодии адибро барои хонанда равшан намуда, дар зимн таъкид кардааст: «Атри гулбарг» месазад, ки китоби саридастии хонандагону донишҷӯён, омӯзгорон ва умуман, аҳли хираду фазилат бошад, Месазад, ки пандҳо ду андарзу суханрезаҳои ин китобро дар дарсгоҳҳову хонаводаҳо мавриди баҳсу андеша қарор диҳем». Барои тақвияти андешаҳои худ намунае аз суханҳои ҳикматбори нависандаро барои хонанда пешниҳод кардаву мавриди таҳлил қарор додааст.

Адиби маъруф Абдулҳамид Самад низ ба эҷодиёти нависанда баҳои баланд дода, зикр кардааст: «Барои ман хушоянд аст, ки адиби тозасуханамон Абдурауф Муродӣ гаравиш ба мухтасарбаёнӣ доранд ва пайваста ҳикоёти хурду нуктаҳаҷвию ҷиддӣ менависад. Ба вижа, нуктаҳои ҳаҷвияшро, ки басо кӯтоху ҳадафманд гуфта шудаанду ҳаводорони зиёд доранд, меписандам».

Номзади илми филология Шодӣ Шокирзода дар мақолаи «Қаламкаши умкнигару моҳиятбин» асарҳои нависандаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, хуб дарёфтааст: «Ҳаҷви Абдурауф Муродӣ ҳаҷви зӯракӣ не, ҳаҷви зариф, ки аз нигоҳи ғоя, мавзуъ, шаклу услуб ва шеваи баён пухтаву санҷида ва ҳадафманд аст, ҳар вожаву ҷумлаи он дақиқ, дар ҷойи худ омадааст. Кам гуфтану чун дурр гузида гуфтан аз вежагии аслии баёни ӯст».

Адиб ва рӯзноманигори шинохта Шодӣ Раҷабзод дар мақолаи «Сухани сӯзандаву созандаи ҳаҷвнигор» китоби «Дарункӯб»-и адиби ҳаҷвнигор Абдурауф Муродиро мавриди баррасӣ қарор дода, ба чунин хулоса расидааст: «…нависандаи борикбину чирадаст аз тамоми воситаҳои эҷодӣ ва паҳлуҳои гуногуни мушоҳидаҳои хосаи худ истифода мекунад ва бо як сухан образи амалдоре (раисони колхозу корхонаҳо), зиёии беамал (рассом, нависанда…), дурӯяи бозу тамаъкор, нодони ҷоплус, аризабози гузаро, бюрократи ашаддӣ, рӯзноманигори қолабнависи шуҳратпараст, ҷарроҳи порагир, пурхӯру баднафс, «забондонон»-и пургап ва ғайраро рӯйи саҳфа меорад, ки бемуҳобо, андешаи мутоибаомези наву нодиранд».

Ҳамчунин, як қисм аз шоирони шинохта дар васфи адиб Абдурауф Муродӣ шеърҳо иншо намуда, симои эҷодии ӯро барои хонанда равшан месозанд. Аз ҷумла, шоир Гурез Сафар дар ҷашни 60-солагии адиб мегӯяд:

*Рафиқи арҷманди мо, Муродӣ,*
*Намебошӣ адиби сусту бодӣ.*
*Ба ҳаҷви тунду тезу лутфи ширин*
*Ҷароҳатҳои дavронро чу йодӣ.*
*Агарчи мо фаромӯши ту бошем,*
*Ту лекин доимо моро ба ёдӣ.*
*Муборак шасти пуршастат бигӯем,*
*Насибат бод тахту бахту шодӣ!*

Дар қисмати охир як силсила суратҳо ҷойгир шудаанд, ки ҳамчун акси гӯё аз фаъолият ва робитаи ӯ ба аҳли илму адаб ҳикоят мекунанд.

Дарвоқеъ, адиб Абдурауф Муродӣ




дар назм ва ҳам дар наср ва ҳам дар ҳаҷв, ҳам дар таҳқиқу пажуҳиш ва ҳам рӯзноманигорӣ дасти боло дорад. Ӯ муаллифи китобҳои «Лутфи Худованд», «Дили гарм», «Паёми мушовир», «Ҷасорат», «Ҷашнномаи мактаб», «Аз нешханд то нӯшханд», «Ҷошнӣ», «Анори дона-дона», «Шукуфти ғунчаи лабҳо», «Ман ошиқи Наврӯзам», «Биё, то қадри якдигар бидонем», «Бархез, баҳор омад», «Хандадара», «Як танӯр кулча», «Пайкори мӯрон», «Атри гулбарг», «Дарункӯб», «Паҳнои меҳр», «Чак –чаки борон» мебошад, ки аз пурмаҳсулу заҳматкаш будани адиб далолат мекунад.

Китоби «Нафаси рӯҳпарвар», аз як тараф, меҳрномаи олимону донишмандон ва дӯстон бошад, аз ҷониби дигар, вижагиҳои эҷодиёти нависандаро барои хонанда равшан намудааст. Ба устод Муродӣ саломативу сарбаландӣ ва дар ҷодаи эҷоду омӯзиш комёбиҳои бештар таманно дорем.

***Н. САНГИНЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

МУЛОҲИЗА

# Ҳунар аз кони зар беҳ

Даврони соҳибистиқлолӣ ба давлати тоҷикон баробари озодӣ дар рушди соҳаҳои саноат, сохтмон, хизмати коммуналӣ ва дигар соҳаҳо, инчунин, ба тараққиёти санъату фарҳанг ва иҷтимоиёт роҳи васеъро боз намуд. Аз ҷумла санъату фарҳанг дар сатҳи хеле баланд рушд ёфтанд. Зеро Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба ин соҳаҳо аҳамияти бештар дода, бо қабули як қатор қонуну санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ шароит фароҳам оварда шуд, ки дар тамоми гӯшаву канорҳои дурдасти мамлакат ба бунёди иншоти фарҳангию фароғатӣ заминаи боэътимод гузошта шавад.

Мактабҳои мусиқии бачагона, коллеҷҳои мусиқӣ муассисаҳои санъату фарҳанг чи дар шаҳру чи дар деҳот бо асбобҳои ҳозиразамони мусиқӣ таъмин гардида, ҳоло мавриди истифода қарор доранд. Ҳар сол бо гузаронидани озмуну чорабиниҳои фарҳангӣ истеъдодҳои нав кашф мегарданд.

Боиси зикр аст, ки ҳамасола муассисаҳои олии таълимии соҳаи санъату фарҳанги мамлакатро садҳо нафар мутахассиси соҳибкасб хатм намуда, дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ бомуваффақият ҳунарнамоӣ менамоянд. Инчунин, донишҷӯёне, ки дар дохили мамлакат мактаби олию миёнаи санъату фарҳангро бо баҳои аъло хатм намудаанд, барои такмили дониши хеш ба муассисаҳои хориҷи кишвар равон карда мешаванд.

Чанд сол пеш асбобҳои мусиқии аврупоӣ дар ҳайати ансамблҳои миллӣ ғайриимкон шуморида мешуд. Ҳоло сафи навозандагони ин асбобҳо зиёд гашта, онҳо дар ҳайати ансамблҳои созию халқӣ муҳим шуморида шуда, хушоҳангу гӯшнавоз гардида, навохта мешаванд ва пешкаши мухлисони санъат мегарданд.

Соли сеюм аст, ки дар мамлакат озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон - Ватани азизи ман” байни наврасону ҷавонон гузаронида мешавад. Он таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир мегардад. Ғолибони озмун ба мукофотҳои арзишманд сарфароз гардонида мешаванд.

Ин озмун масъулияти мо, омӯзгоронро, бештар менамояд. Бовари комил дорам, ки шогирдони мо дар ин озмун маҳорату истеъдоди хешро нишон дода, ҳимояткунандаю ҳомии санъату фарҳанги миллии хеш мегарданд.

***Маҳфуза ЮЛДОШЕВА,***
***омӯзгори ДДФСТ ба номи***
***Мирзо Турсунзода***

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» нашр мегардад

Дар нишасти матбуотӣ раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимҷон Муҳаммадҷонзода доир ба фаъолияти шашмоҳаи кумита дар нимсолаи якуми соли 2022 ба рӯзноманигорон иттилоъ дод. Гуфта шуд, ки дар давра кумита дар ҳамкорӣ бо прокуратураҳои ноҳияҳои Ёвон ва Фирдавсӣ вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва рафти амалишавии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030»-ро дар фаъолияти як қатор мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва кӯдакистонҳои ҳудуди ноҳияҳои зикргардида, ки дар умум, 38 ададро ташкил медиҳад, санҷида, санади ислоҳи камбудиҳоро таҳия карда, барои чорачӯӣ ба мақомоти прокуратураи ин ноҳияҳо пешниҳод кард.

Раиси кумита афзуд, ки дар ҳамин давра аз ҷониби коршиносони шуъбаи танзими истилоҳот 17073 истилоҳ (чор луғатнома, як барномаи таълимӣ) баррасӣ ва мувофиқа гардидааст. Ҳамчунин, ба 21 номи маҳалли аҳолинишин ва объектҳои ҷуғрофии ҳудуди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ хулоса пешниҳод намуд.

Бино ба қавли О. Муҳаммадҷонзода, дар назди кумита комиссияи номгузорӣ ташкил гардидааст. Он барои интихоби номгузорӣ ба шуъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ номҳои шинаму замонавиро пешниҳод менамояд. Дар бораи гузоштани номҳои хоҳишмандӣ ба фарзандонашон мардум ба кумита муроҷиат менамоянд. Тибқи қонунҳои мавҷуда ба онҳо дар гузоштани номҳои мувофиқ маслиҳатҳои даркорӣ дода мешавад.

Кормандони кумита тибқи нақша ҳар моҳ оид ба омӯзиш ва шарҳу тавзеҳи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобатии забони тоҷикӣ», дар маҷмуъ, панҷоҳ маротиба машғулияти идоравӣ гузарониданд. Раиси кумита ба рӯзноманигорон гуфт, ки акнун кумита соҳиби маҷаллаи худ бо номи «Забон ва истилоҳот» гардид, шумораи аввали он аз чоп баромад. Ӯ, ҳамчунин, хабар дод, ки «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» низ пас аз тасдиқи Ҳукумати Тоҷикистон бо фарогирии бештар аз 70 ҳазор калима дар арафаи Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 5-уми октябр нашр хоҳад гардид.

***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

**Ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Рӯшон 134 иншоот сохта мешавад.**

ҲИССА АЗ ҚИССА

# Чароғи ҳидоят

## *Ба ёди устод Самад Фаттоев*

Боди тундрав рӯ-рӯи гулу майсаҳои махмалгуни дашту даманро лесида, ба кӯху дара, саробу шаршара ва бармолу пуштаҳо ҷомаи сармо мепӯшонд. Дар ҳавои тираву андуҳзой хуршед падидор набуд. Лолаҳои дар бари талу пуштаҳо шукуфон аз шамоли сард бо қалби хунчакон барг-барг мерехтанд. Раъд ҳамвора ғуррида, тӯдаи абрҳои даргузар ангор ба марги лолаҳои синачок хун мегиристанд. Силсиланафас дар танӯри оташгуни дил шабеҳи мурғи нимбисмил метапид.

Марди озодалибоси пешонифарохи нигоҳаш моломоли меҳру вафо, ба сар кулоҳи гирдаи хокиранг, бар асари бедорхобиҳо чашмонаш варамида, сараш кӯҳсон вазнин, аз он меандешид, ки волидайни ятимбача пасопеш фавтидаву пайвандон аз баҳраш гузашта, дар кӯча зору ҳайрон мондааст. Ба бахти бадаш дар интернат ҷой ёфт нашуд. Чӣ илоҷ, талабгорон бисёр, кати хоб намерасад. Беориятҳо қоидаи қабулро медонанд, ё на, мегӯӣ кӯдакони ин мулк бепарастор бошанд, писаракро пушти дарвозаи таълимгоҳ танҳо гузошта рафтаанд. Ин ҳамаро вақте фаҳмид, ки дар ҳавои аёс пахлуи девори бинои интернат бачаи сарлуҷу пойбараҳнаи рангпарида, либосҳои танаш кӯҳнаву даридаро дида, хаёле ӯро сими барқ зада бошад, сусту муст шуда, зонунаш бемадор, на пеш рафту на пас, ҳайратзада аз посбон пурсид:

– Ин бачаро кӣ оварда буд?

– Субҳ ковок нашуда, кимкиҳо ӯро пушти дарвоза оварда монданду рафтанд, – ҳайрати директорро афзуд посбон.

– Киҳо, аз куҷо, чикора буданд?

– Ранги рӯяшонро соз надидам, мисли аловгир ғайб заданд, – хиҷолатомез гуфт посбон.

– Худат дар куҷо будӣ?

– Ҳамин ҷо будам.

– Баъд кӯдакро ба ягон ҷои гарм набурдӣ?

– Бидаро гуфтам, зуъмӣ кард...

– Гапи сахт бигӯям, малол мешавӣ. Посбон бояд зираку хушёр бошад! Ин ҷо шахсони ҳархела меоянд.

– Узр мехоҳам…

– Ё дар хоби ғафлат мондӣ?

– Не, бедор будам.

– О, чӣ хел? Одамон то пеши дарвоза омада, бачаро монда рафтаанду ту хабар надорӣ...

– Ҳамааш – аломати пирӣ.

– Дар бачагӣ ҳам хоболуд будӣ?

– Эҳа, дар пештозӣ оҳуро мегузаштам...

– Бовар намекунам.

– Ҳа, якеаш ба сар телпак дошт, – пешониашро молида – молида ба ёд овард посбон.

– Тахмин мезанӣ ё ...?

– Гӯшаки телпаки кӯдакбезор бандак надошт.

– Ба тақдири инсон бозӣ накун...

– Даврони бозиям гузашт.

– Биё, ҳавоӣ гап назанем.

– Бо ҳамин ришу фаш дурӯғ мегӯям?...

– Беинсофҳо! – бадқаҳр гуфт роҳбар. – Ба фарзанди инсон раҳм надоранд – е. Дар қиёмат чӣ ҷавоб мегуфта бошанд, а?

– ...

– Бачаҳаки бечора...

Директор аз банди дасти писарак дошта, «биё, рафтем» гуфт ва раҳравон ба посбон фармуд, ки ҷой дам карда, харҷи дар бисот дорад, гирифта биёрад, меҳмони хурдакро «зиёфат» медиҳанд. Ширинии тутро фаромӯш насозад. Вазнинихо мегузаранд, одамизод ба саодати рӯзгор мерасад, боз аз паи шаб рӯз меояд, чархи фалак ба даври меҳвараш муназзам давр мезанад. Ягон бандаи хокӣ сутуни дунё намондааст. Бани одам аз хайру эҳсон савоб мегиранд.

Посбон ба тарафи чап тоб хӯрду дар хоначааш андармони кор шуд. Чароғи рӯз рӯшании лампаи пеши тирезаро барҳам зад. Самад, ки рӯзҳои сахти ятимиро аз сар гузаронида буд, қисмати талхашро пеши рӯ оварда, оҳи сард кашид. Бархосту бо писарак барбабар нишаста, аз ҳолу аҳволаш ҷӯё шудан хост, аммо дар посух ба суолҳо бачаи ноошно лаб тайи дандон газида, китфон дарҳам кашиду халос.

Фурсате пас марди солманди ситорагарм дар як даст дохили матоъ пораи нон, ду-се ғурӯша қанд ва ба дасти дигараш ҷойники ҷой бардошта оварду болои миз ниҳод. Директор ба посбон сипос гуфта, амали ҷойрезиро худаш анҷом дод. Хаяҷону изтироби писарак рафъ шуда, акнун ба марди меҳрубон бо муҳаббат менигарист.

– Бачам, падару модар дорӣ? – пурсид директор аз наврас.

– Не.

– Онҳо дар куҷоанд?

– Мурданд.

– Кай?

– Намедонам.

– Туро кӣ ба интернат овард?

– Хешонам.

– Чӣ гуфтанд?

– «Мо туро хӯрондаву пӯшонда наметавонем».

– Наистодаанд, ки бибинемшон?

– Дум – думашон рафтам, гурехтанд...

– Ягон ворису парастор дорӣ?

– Як момаи пир дорам.

– Агар ба суроғат бияояд, меравӣ?

– Безорам...

– Барои чӣ?

– «Сархӯри бепаю қадам, бирав гум шав...» – гуфт.

– Мардбача шудай, боодоб шав, аъло бихон.

– Хуб шудаст...

– Ту танҳо нестӣ...

Писарак ба каломи носеҳона меҳр бохта, ба ёди падар дилаш гум зад. Дар чеҳраи марди хушсимо пуштибони худро дида, навмедӣ аз вуҷудаш зарра-зарра мерафт. Самад мехост бача озод бинишинад, худро нороҳат ҳис накунад, нагӯяд, ки бегонаям. Аз модар шунидааст: кулли қавму миллатҳои олам бидуни ирқу нажод бандагони Худоянд. Ба садҳо забон сухан гуфтанашон аз қудрати зоти пок нишонаест. Дасти ятимону барҷомондагонро гирифтан амали савоб аст.

Панди Луқмони ҳаким ба ёдаш расид, ки ба писараш мегуфт: «Эй писараки ман, намозро барпо дор ва ба кори писандида бифармо ва аз нописандида манъ кун ва ба ҳар чи ба ту бирасад, сабр кун! Ба дурустӣ ки ин аз корҳои мақсуд аст. Ва рухсораи худро аз мардум матоб (яъне, бо такаббур рӯй матоб!) ва дар замин хиромон роҳ марав, ба дурустӣ ки Худо ҳар нозандаи худситояндаро дӯст намедорад!»

Хонаи охирати мо иборат аз хоки нарму парниёнист. Кошонаи гилини бечихозе, ки онро на чун арӯс бо зару зевар оростаанд, то пешорӯи ташнагони хусн чеҳраи мунаққаш ва ҷамолашро бинамоёнад, ло-бал ҳеҷ шукӯҳу шаҳомат надорад. Бале, аз дори дунё шоху гадо чуз як ё яку ним газ кафанӣ агар он ҳам насиб карда бошад, чизе набурда, бо дастони холӣ мераванд. Дарду доғамонро хок медонаду бас. Дар ин дунёи дудар на зан вафо дораду на зар, ҳини бемории дарозамала на писар парастор мешаваду на духтар, на бародар дастамонро мегираду на хоҳар, на хеш суроғамон мекунаду на дарвеш, рӯзи сахтӣ дӯстони забониву ноӣ арзамонро ношунида мегиранд, ба рӯямон бемеҳр менигаранд, оқибат розу ниёзамонро ба хок мегӯем. Замин модари ҷумла мавҷудоти олам аст.

Писарак луқмаи даҳонашро ҳарисона фурӯ бурда, пиёлаи ҷойи гармро бо ангуштони наҳифи ларзонаш дошта, хурт мекашид. Дар муҳити нав одам худро бегона ҳис мекунад. Самад бо гӯшаи чашм ба наврас нигариста, сир бой намедод. Баъди он кӣ ба гунаҳои бача сурхӣ давид, мард наздиктар нишасту даст ба шонаи ӯ гузошта гуфт:

– Бачам, ҳоло ҷой надорем, чӣ кор кунем?

– Намедонам..., – нимшунаво гуфт бача.

– Ягон манзили умед надорӣ?

– Не.

– Хешон ба суроғат намеоянд?

– Бесоҳибам.

– Хонаи мо меравӣ?

– ...

Писараки роҳгумзада ба куҷо рафтанаашро намедонист. Макони зисти пешин, тундхӯии хонаводa дилашро меҳарошид. Хуб аст, ки ӯро ба ҳамон таънахона набаранд. Муносибати сарду бадбинӣ ва сарзаниши бехуда ба ҷонаш задааст. Аз ҳавлии падарӣ бо дили хуншор берунаш андохтанд. Момо сояашро аз девор метарошад. Ин соат ҷуз калимоти хушеву меҳрубонӣ ҳарфе дар зеҳнаш намешишт.

Ронандаи мошини хидматӣ онҳоро то Сариҷашма овард.

Вақте ки ҳарду вориди ҳавлӣ шуданд, мард садо баланд кард:

– Оҷаи Маликамоҳ!

– Лаббай, – овоз омад аз ношпазхона.

– Дар куҷоӣ?

– Нон мепазам.

– Меҳмон овардам!

– Ба ҳуҷра дароед…, – гуфт хола ба рӯи кулчаҳои ширмоли дохили танӯр панҷа – панҷа об зада.

Ҳарду болои долони дароз мерафтанд, ки бачаҳои соҳибхона ба истиқбол давида омаданд. Муносибати сарду бадбинӣ ва сарзаниши беҳуда ба ҷонаш задааст. Ҷазабаи падар нагузошт, ки шахсияти ҳамсолашонро муайян созанд. Ба фармуди ӯ зарфу офтоба оварда, ба дастони меҳмон об рехта, ҳар яке супориши худро ба сомон мерасонид. Дертар ба меҳмонхона таому меваҷот бурда, интизори амри навбатӣ истоданд.

Бонуи хона нони гарми дастсӯзро ба дасторхон печонида, ба ҳуҷра мебурд, ки попӯшҳои ба калонсолон хосро надида, тааҷҷуб кард: «Мардакам гуфт: «Меҳмон овардам». Дар куҷост меҳмони мо? Шӯхӣ карда бошад? Мумкин дастшӯӣ ё бадрафтҷо рафтааст». Дарро боз карду наврасеро дид, ба гӯшаи кӯрпача сархам нишаста. Салом дод, самимӣ аҳвол пурсиду аз дар баромад. Дид, ки ҳамсараш саҷоқи дасташро ба рӯи торбанд партофта, оҳиста-оҳиста омаду саргӯшӣ ба ӯ гуфт:

– Ин бача ҷойи рафт надорад.

– Ғарибака аз куҷо овардӣ?

– Ӯро хешонаш оварда пушти дарвозаи интернат монда рафтаанд. Ҳозир дар мактаб ҷой надорем. Таҳаммул кун, мову ту талхии рӯзҳои ятимиро чашидаем...

– Убол аст, дар кӯча бимонад.

– Сарашро сила мекунем.

– Ҳозир хӯрокаш мебарам…

Хола ба ошхона рафта, дар косаи чинӣ таом кашида ба назди писарак овард, ҷойники ҷой ва лаълиҳои қанду мағзу мавиз расонд. Ин замон мард ба мағозаи деҳа рафта, шиму куртаи ба попӯши нав харидорӣ кард. Дар бозгашт, пушти дар садои завҷааш ба гӯш расид, ки ба меҳмон ҷой мерехту бо лафзи ширини модарона мегуфт:

– Ин хонаи худатон. Ягон чиз бихӯр...

– Раҳмат, оча.

– О, дар қадаш садқае… Ту ҳам бачаи мо мешавӣ.

Баъди таомхӯрӣ бонуи оқила либосҳои нави харидаи шавҳарашро ба бача пӯшонида, «Э, муборак шавад! Чӣ хел хушрӯ, зебидаст!..» – гӯён аз пешонияш бӯсид. Аз ин илтифоту меҳрубониҳо табъи наврас болида, аз шодӣ дар курта намеғунҷид. Бачаҳои соҳибхона аз хирманҷо баргашта, меҳмонро танҳо намегузоштанд. Гоҳ ба лаби ҳавз моҳидорӣ мерафтанд, гоҳ ба замини киштзор алафдаравӣ, дар хона тезгӯяку ҳозирҷавобӣ мекарданд, алкисса, аз ҳамдигар ҷудо набуданд.

Бачаҳои хона лаҳзае аз канори Ворис дурӣ намеҷустанд. Писарак рӯз ба рӯз бо онҳо унс гирифта, баъди аз дабистон омадан таом хӯрда, ба дарсҳои фардо омода мешуданд. Агар додаракашон дар ҳалли масоили ҳисоб ё кимиё душворӣ мекашид, ба ӯ ёрӣ мерасониданд. Баҳорон ба дасташ сабадча дода, занбӯрӯғчинӣ мерафтанд. Замини кишт аз дулоназор чандон дур воқеъ набуд, ба тахмин ним фарсах масофа меомад. Бо дидани занбӯруғҳои сап-сафед миёни сабзазори таги дарахтони дулона ва ё дохили майсаҳои боронзада нишоташонро худуд набудӣ. Аҷаб тифоку хушахлоқ ба воя мерасиданд, бачаҳои амаки Самад.

Бо гузашти айём писарак дӯстдори ҳамагон шуд. Ҳар гоҳе мард барои бачаҳояш савғо меовард, аввал ба дасти Ворис медод, пасон ба дигарон. То дили ятим таҳ нахӯрад, худро шердил ҳис кунад ва нагӯяд, ки «Иқболам паст намебуд, мисли ин бачаҳо дӯстдориву навозиш медидам, агар падар медоштам…»

Рангинкамони осмон хушу ёдашро мерабуд. Дар ҳафт ранг фалсафаи аҷибе нухуфта буд. Наққоши азал пеш аз он ки Одам алайҳиссаломро ҳаст кунад, нур биофарид ва маху хуршед, кӯлу баҳр, кӯҳу дара, саҳрову майсаву гулҳои рангоранг, рустаниҳо давобахш, яъне, чаҳор унсур: обу хоку боду оташро дар ихтиёри кӯдаки ҳанӯз ба дунё наомада гузошт. Аз китобе хонда буд: Таҷаллии Офтоб аксе аз талъати Арш аст. Ин ҷаззобият вуҷудашро дамбадам тасхир мекард, аз доираи тасаввураш фаротар мерафт ва ба дунёи малакутӣ мепайваст. Дар мағзаш андешае мечархид, ки бо ин ҳама зебоӣ ҷамоли Парвардигор чӣ сон бошадо?..

Баъди сари падар ташвишҳои рӯзгор бар дӯши Самад ва модари ғамгусораш афтод. Хайрият, бародаронаш Абдусатторӯ Абдуғаффор ва Абдуҷабборӯ Абдухолиқ ризқу рӯзиашонро аз подабонӣ пайдо намуда, шоду ношод мезистанд. Модари порсо шукр мегуфт, ки рӯзе фаро мерасаду чигарбандонаш ба воя расида, аз ин ташвишҳо мераҳад.

Субҳи ҷавонии Самад ва ҳамсолони ӯ босафо нагузаштааст. Мардуми деҳ зиндагии хоксоронаро аз сар мегузаронид, хонаводаи Абдуфаттоҳ аз он истисно набуд. Бархе аз ҳисоби деҳқониву чорводорӣ, хезумфурӯшиву бандбофӣ фоида медиданд. Ҷавони дидадори дастёри модар буду мададгори бародарон. Гоҳе ба шикори кабк мерафту гоҳи дигар барои зимистон аз кӯҳистон мева гун меовард. Ӯ дар сабаде кабк бардошта, ба бозори Ховалинг бурда мефурӯхт. Он солхо ба ин бозори овозадор аз Кӯлобу Вахёву Дарвоз савдогарон мол оварда, додугирифт мекарданд.

Ситораи рӯз ғайб зад. Атроф оҳиста-оҳиста равшан гашт. Ӯ бомдод ба нияти зиёрати оромгоҳи падар пуштаро боло шуд. Пайроҳаи печхами кӯҳистон ба қисматаш ҳамранг будӣ. Сӯхтану сохтанҳо чашмашро ба зиндагӣ мекушуд. Ин ҷодаи душворро аз рӯзгори ибратомӣ падар интихоб карда буд, ки сироталмустақим ном дошт.

*(Давом дорад)*

***Сипеҳр Абуабдуллоҳи ҲАСАНЗОД***

ИН АҶИБ АСТ!

# Қаҳва кай пайдо шудааст?

Қаҳва бадани инсонро роҳат мебахшад. Табибон ба беморони фишори хунашон паст маслиҳат медиҳанд, ки ҳатман ҳар сари чанд вақт қаҳва нӯшанд, то ки фишори хунашон муътадил гардад. Аммо шояд ҳама надонанд, ки ватани он куҷост ва он кай пайдо шудааст?

Гап сари он аст, ки аврупоиён соли 1591 нахустин маротиба дар хусуси қаҳва аз нақли духтури итолиёвӣ Проспэр Алпинус огоҳ шуда буданд. Вай дар ҳайати сафорати итолиёвӣ ба Миср сафар карда, қаҳва нӯшида буд. Он чо ба ӯ ривояти асли пайдоиши одати истеъмоли қаҳваро нақл карданд. Мувофиқи он, гӯё чӯпоне аз қабилаи ҳабаш ба мушоҳида гирифтааст, ки бузу гӯсфандони аз самари буттаи баргҳои дурушту сабзранг хӯрда, тамоми шаб нахобида, хушёру бардам ба зиндадилу хуррам шабро паси сар намудаанд.



Арабҳо ва мисриён Ҳабашистонро, ки ватани ин растанист, мамлакати «Каффа» ва нӯшокии аз тухми ин рустанӣ тайёркардаро «қаҳва» меномиданд. Қаҳва ба аврупоиён хеле маъқул шуд ва соли 1652 юнони дар Лондон нахустин қаҳвахонаро кушод. Дар он ҷо ҳама ахбори навин, миш – мишу овозаҳоро то бевақтии шаб муҳокима мекарданд. Аз ин ҷост, ки аввалин чорогҳои кӯчагиро маҳз назди дари қаҳвахонаҳо насб карда буданд. Баъдтар, қаҳваро аз Африқо ба қитъаи Амрико оварданд ва Бразилия аз калонтарин содироткунандаи қаҳва гардид.

Дарахти қаҳва чандон калон набуда, 8 – 10 метр баландӣ дорад, баъзан буттаест хурдакак. Баргҳои ҳамешасабзи ҷилодори он дар шохаҳо ҷуфт – ҷуфт муқобили ҳамдигар ҷой гирифтаанд. Аз байни баргҳо гулҳои сап – сафеди шабеҳи ёсуман, вале қадре калонтар берун меҳезанд. Самари дарахт аввал сабзгун буда, баъдтар сурхи баланд шудан мегирад. Дохили ҳар мева ду қаҳвадона мавҷуд аст. Агар донаро ба замин шинонед, вай намесабзад, аммо агар онро ба рӯйи замин партоеду он ҷо соя бошад, он гоҳ дар замин нумуъ мекунад.

Ба ҳар сурат, шакли тайёри он, ки дар қуттиҳои шишагину тунукагин нигоҳдорӣ мешаванд, кай ба хоки Тоҷикистон ворид шудааст, маълумоте нест.

**МЕТЕОРИТ АФТОДУ...**

Тобутсози индонезӣ Ҷошуа Хутагалунг (аз вилояти Суматраи Шимолӣ) пас аз он ки метеорит ба боми хонааш афтод, сарватманд шуд. Ҷошуаи 33 – сола замоне ки аз осмон метеорит афтид, дар назди хонааш ба сохтани тобути нав машғул буд. Санг 15 сантиметр ба умқи замин даромад ва вақте Ҷошуа онро баровард, санг гарм буд. Вазни метеорит 2, 2 килограмм ва қариб ба 4,5 миллиард сол баробар буд. Ҳамзамон, вай аз навъи метеоритҳои хеле нодир маҳсуб мегардад.

Марди индонезӣ бозёфти худро ба як нафар коллексионери америкоӣ фурӯхта, соҳиби 1, 9 миллион доллар шуд. Ин маблағ ба падари се писар имкон дод, ки аз кори пешинааш даст кашад.

**ОИЛАИ ҶИНОЯТКОР**

Пулиси шаҳри Рамлеи Исроил марди 20 – сола ва зани 34 – соларо ҳабс карда, ба он гунаҳкор намуд, ки писари хурдсоли занро ба дуздӣ раҳнамоӣ кардаанд. Аз рӯйи ҳисоботи пулис писарак ба миқдори беҳисоб пул, ҳамён ва дигар ашёи қиматбаҳоро duздидааст. Кӯдак дуздиҳоро дар худи Рамле, Эйлате ва ноҳияҳои дигар содир намудааст. Модар ва ҳамсари ҳаётии ӯ кӯдакро ба дуздӣ водор намуда, бехатарии ӯро муҳофизат мекарданд.

Фаъолияти дуздии оилаи ҷинояткорро сабти камераҳои яке аз боғчаи бачагони шаҳри Рамле фош намуд. Зан ба он ҷо бо баҳонаи дар боғча ҷой намудани писараки хаштсолааш рафта буд. Модар корманди муассисаи томактабиро ба гап гирифту дар ин лаҳза писарак аз сумкаи ӯ пулашро дуздид. Камера ин ҳодисаро пурра сабт намудааст.

Дар тафтишот модар маҷбур шуда, қоил гардид, ки зиндагии вазнин ҳамсарашро ба ин кор маҷбур кардааст. Дар идораи пулис хабар доданд, ки марду зан зери назоратанд. Писарак, пас аз дуздиҳои зиёд ба тарбияи бибиаш вогузор шудааст.

**БУЗУРГТАРИН ТАНГАИ ҶАҲОН**

Ҳанӯз бист сол пеш аз ин (22 – юми августи соли 2002) дар Пекин парда аз болои бузургтарин тангаи «Сзясзин Тунбао» бардошта шуд. Танга тахминан солҳои 1522 – 1566 дар аҳди сулолаи Мин сикка зада шуда, 58 сантиметр қутр (диаметр), 3, 5 сантиметр ғафсӣ ва 41, 47 килограмм вазн дорад.

Тангаи «Сзясзин Тунбао» ба китоби рекордҳои Гиннес дохил карда шудааст.

# Муаммои «Мураккаб»



**Аз боло ба поён:**

1. Қӯрғошимро гӯянд. 2. Муродифи кор, ҳаракат. 3. Ҳаммаънои дар паҳлу будан. 4. Истилоҳи илми шеършиносӣ. 5. Муқобили осон. 6. Рутбаи ҳарбӣ. 10. Шакли ҷамъи вожаи илм. 12. Номи бурҷи дуюми 12 – гонаи осмон, ки ба тоқиӣ гӯсола меноманд.

**Аз чап ба рост:**

1. Ҳуҷра, ибодатгоҳи насрониён. 3. «Адабу *** туро Хусрави маҳрӯён кард» (Ҳофиз). 5. Деҳа дар ноҳияи Айнӣ. 7. Ҳаммаънои андалеб. 8. Мафҳуми хешутаборӣ. 9. Навъи сабзавот. 11. Мафҳуми математикӣ. 13. Муассисае, ки ба нигоҳдорӣ ва тақсими асъор сарукор дорад. 14. Шахси коргурезу лавандро гӯянд.

*Мураттиб Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»*

ЭЪЛОН

# Таваҷҷуҳ

Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2022, № 9/55 дар сохтори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ» «Шуъбаи дастгирии омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ» ташкил карда шуд. Барои фаъолияти шуъба омӯзгорони соҳибкасби фанҳои таълимии риёзӣ, дақиқ, химия, биология ва физика бо истифодаи усул ва технологияҳои муосири таълим, ки ба рушд ва ташаккули тафаккури эҷодӣ, зеҳнӣ ва инноватсионии фаъоли таълим нигаронида шудааст, даъват карда мешаванд.

Ҷиҳати иштирок дар озмун маълумотнома (CV)-и омӯзгор ҳатмист. Мӯҳлати қабули аризаҳо то 15 августи соли равон.

Хоҳишмандон метавонанд бо телефонҳои 227-92-78 ё бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳабибулло С. -6, гузаргоҳи 1 ба Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ» муроҷиат намоянд.

## 7 нафар - сазовори дипломи аъло

Соли таҳсили 2021- 2022 Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншоҳ Назаршоевро 969 нафар донишҷӯ хатм намуд, ки аз ин шумора 7 нафар ба гирифтани дипломи аъло мушарраф шудаанд. 306 нафар хатмкунанда аз равияи омӯзгорӣ буда, 107 доранд квотаи Президентӣ мебошанд. 58 нафар хатмкунанда бо хоҳиши худ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар пайваста, 27 нафар ба таҳсили магистратура ва 221 нафари дигар бо роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар фиристонда шуданд.

*Ч.ҚОЗИБЕКОВ, «Омӯзгор»*

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0770087, ки онро соли 2012 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Халилова Тахмина Рузибоевна додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи гумшудаи А6703931, ки онро 24 июни соли 2011 ШКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Надирова Зебинисо Назировна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БР №177384, ки онро соли 1989 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №29-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Тугайбеков Амирали Раҷабович додааст, эътибор надорад.

**Кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва нашрияи “Омӯзгор” ба ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Жило Гулназарзода бинобар даргузашти ХОҲАРБУЗУРГАШ изҳори таслият ва ҳамдардӣ менамоянд.**

**Раёсат ва Кумитаи иттифоқи касабаи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба декани факултети санъати мусиқии мардумӣ Сафар Гулназаров бинобар даргузашти ХОҲАРАШ изҳори ҳамдардӣ менамоянд.**

**Раёсат ва Кумитаи иттифоқи касабаи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба муаллими калони кафедраи сурудхонии халқии факултети санъати мусиқии мардумӣ Фирӯз Собиров бинобар даргузашти МОДАРАШ ҳамдардӣ баён мекунанд.**

**Иттифоқи касаба ва ҳайати устодону омӯзгорони филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар ба директори муассиса Муҳаммадҷон Шарифов бинобар даргузашти БАРОДАРАШ ҳамдардӣ баён мекунанд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир* *Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир:* *Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ухда нагирад. *Навбатдори шумора* *Ш. РАҶАБЗОД*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 37836 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.